المملكة العربية السعودية

وزارة التعليم العالي

الجامعة الإسلامية بالمدينة المنورة

عمادة البحث العلمي

# أركــــان الإسـلام

# Аркони Ислом

**باللغة الطاجيكية**

**Бо забони тоҷикӣ**

**بسم الله الرحمن الرحيم**

## Ба номи Аллоҳи бахшандаи меҳрубон

## Оғози сухан

Сипос ва ситоиш хос барои Парвардигори ягонааст. Ва дуруду салом бар хотами пайёмбарон Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ибни Абдулло ва бар ёрон ва хонадонаш бод.

Бадурустӣ, ки нашри илмҳои исломӣ нақши бузург ва ошкор дар миён ва шиносонидани ҳақиқати ислом ва маҳкам кардани пояҳои дин ва таҳрики уммат исломӣ дорад.

Донишгоҳи исломии Мадинаи Мунаввара низ аз роҳи даъват ва омӯзиш дар таҳаққуқ бахшидан бар ин ҳадафи бузург саъю кӯшиш мекунад.

Бинобар ин маркази имодаи улуми исломии донишгоҳ  дар роҳи таҳқиқи ин ҳадафи бузург дар навбати худ барномарезӣ карда ва тарҳаҳои илмӣ ва созандаи зиёдеро дар дасти иҷро қарор додааст. Аз ҷумла мутолиъаҳои амиқ ба манзури боло бурдани сатҳи огоҳии уммати исломӣ, ки ин гуна матлабҳо дар миёни ҷомеъаи мусалмонон мунташир гардад.

Баҳси “Аркони Ислом“, ки инак дар даст доред, яке аз пешниҳодҳои маркази имодаи улуми исломӣ аст, ки якчанд аз устодони донишгоҳ хоҳиш карда будем, то дар ин замина ба таври мухтасар чизе

бинависанд. Сипас анҷумани илмии марказ он чи ки устодони мазкур навишта будандро мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода ва каму кӯтоҳи онро бартараф намуда ва ба шакле, ки инак мулоҳиза мефармоед омодаи чоп намуд. Қобили таваҷҷӯҳ аст талоши мо бар ин буда ки робитаи матлабҳои илмӣ бо далелҳои он аз китобу суннат сариҳ ва равшан ва ошкор бошад.

Аз он ҷое, ки маркази имодаи улуми исломӣ алоқаманд буд Ҷомеъаи Исломӣ ҳатто ало қадри имкон ба улуми дини муфид дастрасӣ дошта бошад, тасмим гирифт, ки мабҳаси "Аркони Ислом ба забонҳои ҷаҳон тарҷума ва нашр гардида, ва аз тариқи интернет низ дар ихтиёри умум қарор гирад.

Аз Аллоҳ таъоло хоҳони он дорем ки ин ҳаракати ночизи моро пурсамар қарор дода ва бо фазлу эҳсони худаш тавфиқ иноят фармояд, ки битавонем бақияи тарҳҳои марказро низ ба баҳра бардорӣ бирасонем. Ҳамчуноне, ки аз зоти меҳрубонаш мехоҳем ҳиммати моро ба он чи ризо ва хушнудии Ӯ дар он аст раҳнамо созад ва моро ҷузви доъиёни ҳидоят ва мададгорони ҳақиқат қарор диҳад.

Илоҳо бар банда ва расул ва сарвари паёмбаронат ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва бар хонадон ва ёронаш дуруд ва раҳмат фирист.

Маркази имодаи улуми исломии донишгоҳи исломии Мадинаи Мунаввара.

Аркони ислом

Аркони ислом аз панҷ рукн иборат аст.

1. **Рукни аввал: "Гувоҳӣ додан ба ин ки нест маъбуди бар ҳақ ба ҷуз Аллоҳ таъоло ва Муҳаммад фиристодаи Аллоҳ аст".**

Бо ин ду гувоҳӣ инсон ба ислом дохил мешавад. Ва ин ду гувоҳӣ бузургтарин рукни ислом аст. Бинобар нутқ кардан ва амал кардан бо талаботи ин калима инсон ҳукман мусалмон мегардад.

**Маънои гувоҳӣ додан: " Нест маъбуди бар ҳақ ба ҷуз Аллоҳ таъоло"**

Яъне нутқ кардан бо ин калима бинобар донистани маънояш ва амал кардан бо талаботи ин калима дар зоҳир ва ҳам дар ботин. Аммо нутқ кардан бинобар надонистани маънояш ва амал на кардан бо талаботи ин калима ба гӯяндааш манфиат намебахшад, балки бар зарари ӯ ҳуҷҷат мешавад. Маънои ((لا إله إلا الله)) "Нест маъбуди бар ҳақ ба ҷуз Аллоҳ таъоло"

Ин калима аз ду рукн иборат аст "нафй" ва "исбот".

“Нафӣ” гуфта ҳамаи маъбудоте, ки ғайри Аллоҳ ҳастанд, нест кардан.

“Исбот” гуфта танҳо маъбуди ҳақиқиро барои Аллоҳи ягона барқарор кардан.

Ҳамчунин ин калима дарбар мегирад куфр овардани бо тоғут ва бад дидани он ва дурӣ ҷустан аз он . Яъне “тоғут” гуфта ҳар чизеро ки парастиш карда мешавад аз ғайри Аллоҳ хоҳ аз башар, ё санг, ё дарахт, ё ҳаво ҳавас, ё шаҳват. Пас касе, ки ин калимаро бо забон бигӯяд ва ба он чӣ парастиш карда мешавад аз ғайри Аллоҳ куфр наорад, ҳақиқати ин калимаро ба ҷо наовардааст.

Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَإِلَٰهُكُمْ إِلَٰهٌ وَاحِدٌ لا إِلَهَ إِلاَّ هُوَ الرَّحْمَٰنُ الرَّحِيمُ﴾ [سورة البقرة، الآية:١٦٣]

*Эй мардум, маъбуди шумо маъбуди ягона аст (дар зот, ном, сифот, афъол ва парастиш ва ба ҷуз Ӯ ҳеҷ кас сазовори ибодат нест)[1]. Илоҳе ғайри Ӯ нест, бахшоянда (аст) барои ҷамиъи халқ ва меҳрубон (аст) бо мӯъминон!*

Ва дар дигар оят мефармояд:

﴿لاَ إِكْرَاهَ فِي الدِّينِ قَدْ تَبَيَّنَ الرُّشْدُ مِنَ الْغَيِّ فَمَنْ يَكْفُرْ بِالطَّاغُوتِ وَيُؤْمِنْ بِاللَّهِ فَقَدِ اسْتَمْسَكَ بِالْعُرْوَةِ الْوُثْقَى لا انْفِصَامَ لَهَا وَاللَّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٌ﴾ [سورة البقرة، الآية:٢٥٦]

[1] *Тафсири Саъдӣ 1\77*

*Пас ҳар касе, ки ба тоғут (яъне ба ҳар чизе ки ғайри Аллоҳро парастиш карда мешавад) куфр варзад ва ба Аллоҳ имон биёварад, ба ростӣ ки ба дастовези маҳкаме (дини ислом) чанг задааст, ки канда шуданӣ нест ва Аллоҳ суханони бандагонашро мешунавад ва аз афъол ва нияташон огоҳ аст.*[2]

Маънои "الإله" сазовори парастиш. Касе, ки эътиқод кунад, ки маънои "Илоҳ" халқкунанда, ризқдиҳанда ё қодиру тавоност бар офариниш. Бо ин гуна эътиқод ин калима барояш нафъ намерасонад, ва ӯро аз азоби муқими охират наҷот намедиҳад. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿قُلْ مَنْ يَرْزُقُكُمْ مِنَ السَّمَاءِ وَالْأَرْضِ أَمَّنْ يَمْلِكُ السَّمْعَ وَالْأَبْصَارَ وَمَنْ يُخْرِجُ الْحَيَّ مِنَ الْمَيِّتِ وَيُخْرِجُ الْمَيِّتَ مِنَ الْحَيِّ وَمَنْ يُدَبِّرُ الْأَمْرَ فَسَيَقُولُونَ اللَّهُ فَقُلْ أَفَلَا تَتَّقُونَ﴾ [سورة يونس، الآية: ٣١]

*. Бигӯ (эй Паёмбар барои мушрикон): «Чӣ касе аз осмон борон фуруд меорад ва аз замин (ба шумо навъҳои гуногун аз набофот ва дарахтҳо) рӯзӣ медиҳад? Кист, ки шунавоиву биноиро молик бошад? Ва кист, ки зиндаро аз мурда (ҳамчунон, ки мӯъминро аз кофир ва чӯҷаро аз тухм) падид меорад ва мурдаро аз зинда (кофирро аз мӯъмин ва тухмро аз мурғ) ва кист, ки корҳоро ба*

[2] *Тафсири Саъдӣ 1\ 110 ва Ибни Касир 1\684*

*сомон меоварад?» Хоҳанд гуфт: «Аллоҳ». Пас, бигӯ: «Оё аз азоби Аллоҳ наметарсед, (ки бо Ӯ шарик меоред)?»*[3]

Ва дар ояти дигар мефармояд:

﴿وَلَئِنْ سَأَلْتَهُمْ مَنْ خَلَقَهُمْ لَيَقُولُنَّ اللَّهُ فَأَنَّى يُؤْفَكُونَ﴾ [سورة الزخرف، الآية:٨٧].

*Ва агар аз онҳо (эй паёмбар) бипурсӣ, ки онҳоро офаридааст, албатта, мегӯянд: «Аллоҳ». Пас, чаро аз (ибодати Аллоҳ) рӯй мегардонанд?*

**Шартҳои калимаи тавҳид**

1. **Илм**: Донистани мафҳуми *"Ла илаҳа илла-л-Лоҳ"* бо дониш на аз рӯи ҷаҳл[4].
2. **Яқин**: Шак накардан ба мадлули[5] ин калима.
3. **Қабул**: Сазовор аст ба ҳар касе, ки соҳиби илму яқин аст, бояд ба он чи ин калима талаб менамояд, бо дилу забон қабул намояд.
4. **Инқиёд**[6]: Бояд ба он чи ин калима амр ва наҳй мекунад, куллан сар фурӯ орад.
5. **Сидқ:** Гуфтани ин калима сидқан аз дил бошад, на аз рӯи забон. Касе, ки фақат бо забон онро иқрор мекунад ва бо дил тасдиқ надорад вай мунофиқ аст.

---

[3] Тафсири Саъдӣ 1\362
[4] нодонӣ
[5] Далолат,раҳнамо.
[6] Сар фурӯ овардан.

6. **Ихлос**: Ба гуфтани ин калима ғарази дунё накунад, балки холис аз барои Аллоҳ бошад.
7. **Муҳаббат**: Мӯъмин бояд ин калимаро дӯст дорад ва ба талаботи ин калима амал намояд ва бо аҳли пайравони ин калима муҳаббат дошта бошад.

Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿قَدْ كَانَتْ لَكُمْ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ فِي إِبْرَاهِيمَ وَالَّذِينَ مَعَهُ إِذْ قَالُوا لِقَوْمِهِمْ إِنَّا بُرَآءُ مِنْكُمْ وَمِمَّا تَعْبُدُونَ مِنْ دُونِ اللَّهِ كَفَرْنَا بِكُمْ وَبَدَا بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمُ الْعَدَاوَةُ وَالْبَغْضَاءُ أَبَداً حَتَّى تُؤْمِنُوا بِاللَّهِ وَحْدَهُ﴾ [سورة الممتحنة، الآية:٤].

1. *Ҳароина, барои шумо эй мӯъминон, дар зиндагии Иброҳим ва касоне, ки ҳамроҳи ӯ аз мӯъминон буданд, сармашқи некӯест. Онгоҳ ба қавмашон гуфтанд: "Ҳароина, мо аз шумо безор ва дур ҳастем ва аз он чи ғайри Аллоҳ мепарстед аз ширку бутҳоятон ба шумо кофир ва мункир шудаем ва миёни мо ва миёни шумо ба таври ҳамеша душманӣ ва кина падид омад, модоме, ки бар куфри худ пойдоред, то ба вақте ки фақат ба Аллоҳ имон оваред," магар дар ин сухани Иброҳим[7] ба падараш, (Озар гуфт,) ки ҳатман барои ту омӯрзиш талаб мекунам ва дар баробари Аллоҳ барои ту ихтиёри чизеро надорам: Парвардигоро! Бар Ту таваккал кардаем ва ба ту рӯй овардаем ва бозгашти ҳама рӯзи қиёмат ба сӯи Туст[8].*

---

*[7]Яъне, омӯрзиш талаб кардани Иброҳим алайҳиссалом дар ҳаққи падараш барои мӯъминон сармашқи некӯ нест ва ба ин сухани вай иқтидо кардан дуруст нест, зеро омӯрзиш талаб кардани Иброҳим алайҳиссалом дар ҳаққи падараш бинобар ваъдае буд, ки ӯ ба падараш дода буд, (аммо чун барои Иброҳим равшан шуд, ки падараш душмани Аллоҳ аст, аз вай безорӣ ҷуст). Сураи Тавба ояти 114*

*[8] Тафсири Саъдӣ 1\854*

Ва дар дигар оят мефармояд:

﴿وَمِنَ النَّاسِ مَنْ يَتَّخِذُ مِنْ دُونِ اللَّهِ أَنْدَاداً يُحِبُّونَهُمْ كَحُبِّ اللَّهِ وَالَّذِينَ آمَنُوا أَشَدُّ حُبّاً لِلَّهِ﴾ [سورة البقرة، الآية:١٦٥]

*165. Бо вуҷуди ин далелҳои равшан баъзе аз мардум бо Аллоҳ шариконе ихтиёр мекунанд ва онҳоро бо таъзиму тоъат чунон дӯст медоранд, ки гӯё Аллоҳанд. Ҳол он ки таъзиму тоъат ҷуз барои Аллоҳ ба касе ё чизе сазовор нест. Вале онон, ки имон овардаанд, қавитаранд дар дӯстии Аллоҳ аз дӯстии кофирон бар маъбудони худ. Зеро мӯъминон ҳамаи муҳаббатро холис аз барои Аллоҳ медоранд ва мушрикон дар муҳаббат шарик қарор медиҳанд.*[9]

Ва касе, ки бо ихлосу яқин ва худро аз ширки акбар ва асғар ва аз бидъату маъсиятҳо дур сохта калимаи “ لا إله إلا الله” ро бигӯяд, аз гумроҳии дунё ҳидоят ёфта ва аз азоби дузах дар амон мемонад.

Бар ҳар банда зарур аст, ки ин шартҳоро мукаммал ба ҷо оварад ва аз муқтазои ин шартҳо берун наравад.

Ин калимаи бузург “لا إله إلا الله” ро тавҳиди улуҳият гӯянд. Ин аз муҳимтарин навъҳои тавҳид мебошад, ки

[9] *Тафсири Саъдӣ 1\79*

байни паёмбарон бо қавмашон хилофу зиддиятҳо воқеъ шуда буд. Барои таҳқиқ шудани ин калима Аллоҳ таъоло паёмбаронро фиристод. Ҳамчуноне ки мефармояд:

﴿وَلَقَدْ بَعَثْنَا فِي كُلِّ أُمَّةٍ رَسُولاً أَنِ اعْبُدُوا اللَّهَ وَاجْتَنِبُوا الطَّاغُوتَ﴾ [سورة النحل، الآية:٣٦]،

*Ва ба таҳқиқ дар миёни ҳар миллате паёмбаре фиристодем, ки Аллоҳро бипарастед ва аз тоғут*[10] *дурӣ ҷӯед.*

Ва дар дигар оят мефармояд:

﴿وَمَا أَرْسَلْنَا مِنْ قَبْلِكَ مِنْ رَسُولٍ إِلاَّ نُوحِي إِلَيْهِ أَنَّهُ لا إِلَهَ إِلاَّ أَنَا فَاعْبُدُونِ﴾ [سورة الأنبياء، الآية:٢٥].

*. Мо пеш аз ту эй Расул, ҳеҷ паёмбаре нафиристодем, магар он ки ба ӯ ваҳй кардем, ки ҷуз Ман маъбуди барҳақ нест. Пас, ба ихлос Маро бипарастед.*

Вақте ки сухан умуман дар бораи тавҳид равад он ҷо маънои тавҳиди улуҳиятро дарбар мегирад.

**Таърифи тавҳид**: Тавҳиди улуҳият ҷазман эътиқод кардан ба ин ки Аллоҳ таъоло сазовори парастиш аст. Танҳо Ӯро ибодат карда мешавад на ғайри Ӯро.

**Номҳои тавҳид:**

---

[10] *Ҳар чизе ки гайр аз Аллоҳ парастиш карда мешавад; аз шайтон, бут, мурдаҳо ва гайра..*

1. Гоҳо номашро тавҳиди улуҳият ё илоҳиёт меноманд. Зеро бинои он аз рӯи муҳаббати сахт буда бо ихлос Аллоҳро ибодат кардан аст.
2. Гоҳо номашро тавҳиди ибодат ё убудият меноманд, зеро ки бинои он бо ихлос ибодат кардани Аллоҳи ягона аст.
3. Гоҳо номашро тавҳиди ирода меноманд, зеро ки бинои он бар аъмоле, ки иродаи Аллоҳи дар он аст.
4. Гоҳо номашро тавҳиди қасд меноманд, зеро ки бинои он бар қасде, ки лозимгирандаи ихлоси ибодати Аллоҳ аст.
5. Гоҳо номашро тавҳиди талаб меноманд, зеро ки бинои он аз талаботи Аллоҳ аст, яъне, бо ихлос ибодат кардани Ӯ.
6. Гоҳо номашро тавҳиди амал меноманд, зеро ки бинои он бар амалҳое, ки холис аз барои Аллоҳ аст.

**Ҳукми тавҳид:**

Тавҳиди улуҳият бар бандагон фарз аст. Дохили ислом намешаванд, магар бо ба ҷо овардани тавҳиди улуҳият ва ӯро наҷот намедиҳад магар бо эътиқод кардан ва амал кардан ба талаботи он. Ва он аввалин чизест, ки зарур мешавад дар даъват кардан ва таълим додан. Ва фарзияти он дар китобу суннат ворид шудааст ва Аллоҳ таъоло аз барои тавҳид халқро биофарид ва китобҳояшро нозил кардааст.

Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿قُلْ إِنَّمَا أُمِرْتُ أَنْ أَعْبُدَ اللَّهَ وَلا أُشْرِكَ بِهِ إِلَيْهِ أَدْعُو وَإِلَيْهِ مَآبِ﴾ [سورة الرعد، الآية:٣٦]

*Бигӯ: «Ман амр шудаам, ки танҳо Аллоҳи якторо бипарастам ва ба Ӯ ширк наёварам. Ба сӯи Ӯ даъват мекунам ва бозгашти ман ба сӯи Ӯст!*

وقال تعالى: ﴿وَمَا خَلَقْتُ الْجِنَّ وَالْأِنْسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ﴾ [سورة الذريات، الآية:٥٦].

*Ва ҷинну одамиро наёфаридаам, магар барои ҳадафи бузурге, то танҳо маро ибодат кунанд, на ғайри Маро*[11]

Паёмбарамон саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои Муоз разияллоҳу анҳу фармудаанд: *"Ту ҳамоно назди қавме аз аҳли Китоб меравӣ, пас онҳоро даъват кун, то гувоҳӣ диҳанд, ки маъбуди барҳақе ҷуз Аллоҳ нест ва ин ки ман расул ва фиристодаи Аллоҳ мебошам. Агар онҳо дар ин амр аз ту пайравӣ карданд, онҳоро огоҳ кун, ки Аллоҳ дар ҳар шабу рӯз панҷ вақт намоз барояшон фарз намудааст ва агар онҳо дар ин амр аз ту пайравӣ карданд, ононро огоҳ кун, ки Аллоҳ таъоло бар онҳо садақае фарз намуда, ки аз сарватмандонашон гирифта шуда ва ба фуқарояшон*

[11] *Тафсири Саъдӣ 1\813*

*бозгардонида мешавад. Пас агар онҳо аз ин пайравӣ карданд, пас барҳазар бош аз ин ки молҳои нафис ва гаронбаҳояшонро бигирӣ ва аз дуъои мазлум ҳазар кун, зеро дар миёни он ва Аллоҳ парда ва ҳиҷобе нест."* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Тавҳид муталақан аз афзалтарин амалҳост ва барои гуноҳон бузургтарин кафоратест. Дар ривояти Бухорӣ ва Муслим аз ҳадиси Атбон разияллоҳу анҳу ривоят шудааст, ки Паёмбарамон саллаллоҳу алайҳи ва саллам гуфтаанд: "Ба дурустӣ Аллоҳ дузахро ҳаром гардондааст барои шахсе, ки холис барои ризогии Аллоҳ *"Ла илоҳа иллаллоҳ"*ро гуфтааст".

**Иттифоқи паёмбарон бар калимаи тавҳид:**

Ҳамаи паёмбарон дар даъвати худ бо ҳам муттафиқанд ва қавми худро ба сӯи калимаи тавҳид даъват намудаанд. Ва касоне ки аз он рӯйгардон шудаанд онҳоро тарсондаанд. Ҳамчуноне ки Қуръони карим дар чанд оятҳои бисёре баён мекунад:

﴿وَمَا أَرْسَلْنَا مِنْ قَبْلِكَ مِنْ رَسُولٍ إِلاَّ نُوحِي إِلَيْهِ أَنَّهُ لا إِلَهَ إِلَّا أَنَا فَاعْبُدُونِ﴾ [سورة الأنبياء، الآية:٢٥]

*. Мо пеш аз ту эй Расул, ҳеҷ паёмбаре нафиристодем, магар он ки ба ӯ ваҳй кардем, ки ҷуз Ман маъбуди барҳақ нест. Пас, ба ихлос Маро бипарастед.*

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам масалеро овардаанд барои иттифоқ будани паёмбарон дар даъвати калимаи тавҳид. Чи хеле ки баён кардаанд, ки “***Паёмбарон бародаранд, аз як падар ва модаронашон гуногунанд ва диншон якто аст***”. Асли дини паёмбарон як аст ва он тавҳид аст ва агар чанде шариаташон гуногун бошад ҳам, чуноне ки фарзандон модаронашон гуногунанд ва падаронашон якто аст.

**2. Маънои гувоҳӣ додан ба ин ки “Муҳаммад фиристодаи Аллоҳ аст”.**

**А)** Маънои гувоҳӣ додан ба ин ки “Муҳаммад фиристодаи Аллоҳ аст” дарбар мегирад итоат кардани фармонҳояш ва тасдиқ кардани хабарҳояш ва дур шудан аз он чи манъ кардааст ва бим кардааст ва ибодат кардан танҳо ба шариаташ.

**Б)** Гувоҳии ҳақиқӣ ба ин ки “Муҳаммад фиристодаи Аллоҳ аст”.

Гувоҳии ҳақиқӣ он аст, ки бояд имон ва яқини том дошта бошӣ, ки “Муҳаммад фиристода ва бандаи Аллоҳ аст”. Фиристода шудааст ба сӯи ҳамаи ҷинну инсонҳо ва ӯ охирин паёмбарон ва расулон аст. Ва ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бандаи муқаррабтарин дар назди Аллоҳ аст ва барояш аз хусусиятҳои улуҳият чизе бархӯрдор нест. Ва ӯро пайравӣ кардан ва амру наҳяшро ботаъзим ба ҷо овардан ва суннаташро ҳам

дар гуфтору кирдор ва ҳам дар эътиқод ба ҷо овардан лозим аст. Чуноне ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿قُلْ يَا أَيُّهَا النَّاسُ إِنِّي رَسُولُ اللَّهِ إِلَيْكُمْ جَمِيعاً﴾ [سورة الأعراف، الآية:١٥٨]،

*Бигӯ эй Расул, барои тамоми мардум: «Эй мардум, ман фиристодаи Аллоҳ бар ҳамаи шумо ҳастам на барои баъзеи шумо.*

وقال تعالى: ﴿وَمَا أَرْسَلْنَاكَ إِلاَّ كَافَّةً لِلنَّاسِ بَشِيراً وَنَذِيراً﴾ [سورة سبأ، الآية:٢٨]،

*. Туро эй Расул ба паёмбарӣ фиристодем, бар ҳамаи мардум: муждадиҳандаву бимдиҳанда.*

وقال تعالى: ﴿مَا كَانَ مُحَمَّدٌ أَبَا أَحَدٍ مِنْ رِجَالِكُمْ وَلَكِنْ رَسُولَ اللَّهِ وَخَاتَمَ النَّبِيِّينَ﴾ [سورة الأحزاب، الآية:٤٠]،

*Муҳаммад падари ҳеҷ як аз мардони шумо нест. Ӯ Расули Аллоҳ ва хотами паёмбарон аст. Пас аз ӯ, то вуқуъи қиёмат дигар паёмбаре намеояд.*

وقال تعالى: ﴿قُلْ سُبْحَانَ رَبِّي هَلْ كُنْتُ إِلاَّ بَشَراً رَسُولاً﴾ [سورة الإسراء: من الآية٩٣]

*"Бигӯ эй Муҳаммад барояшон: «Парвардигори ман пок аст. Ба дурустӣ ман танҳо банда ва фиристодае аз сӯи Аллоҳ барои ҳидояти мардумонам.»*

**Гувоҳӣ додан ба ин калима чанд умуреро дарбар мегирад:**

Якум: Иқрор кардан ба рисолати ӯ ва эътиқод кардан онро дар қалб.

Дуюм: Нутқ кардан ба он ва эътироф кардани он бо забон.

Сеюм: Пайравӣ кардан ба Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва амал кардан ба он чи овард аз ҳақиқат ва тарк кардан аз он чи манъ кард аз ноҳақ. Чуноне ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿فَآمِنُوا بِاللَّهِ وَرَسُولِهِ النَّبِيِّ الْأُمِّيِّ الَّذِي يُؤْمِنُ بِاللَّهِ وَكَلِمَاتِهِ وَاتَّبِعُوهُ لَعَلَّكُمْ تَهْتَدُونَ﴾ [سورة الأعراف: من الآية١٥٨].

*. Пас ба Аллоҳ ва расули Ӯ, он паёмбари уммӣ (дарснахонда), ки ба Аллоҳу суханони ӯ имон дорад, имон биёваред, ки ақида ва амалҳояш ба роҳи дуруст ва рост қарор дорад ва аз ӯ пайравӣ кунед, то манфиъатҳои динӣ ва дунявии худро дарёбед. Бошад, ки ҳидоят шавед!»*[12]

Чаҳорум: Тасдиқ кардани паёмбар Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳар он чи ки хабар додааст.

Панҷум: Муҳаббати ӯ аз муҳаббати ҷон, мол, фарзанд, падар ва тамоми мардум бештар бошад. Зеро ки ӯ фиристодаи Аллоҳ аст ва муҳаббати ӯ вобастагӣ дорад аз муҳаббати Аллоҳ ва дар роҳи Аллоҳ аст.

Ва муҳаббати ҳақиқии ӯ иборат аст аз пайравӣ кардани ӯ ва ба ҷо овардани фармонҳояш ва дур шудан аз манъкардаҳояш ва нусрат додани ӯ ва дӯстӣ кардан бо дӯстони ӯ.

---

[12] *Тафсири Саъдӣ 1\305*

﴿قُلْ إِنْ كُنْتُمْ تُحِبُّونَ اللَّهَ فَاتَّبِعُونِي يُحْبِبْكُمُ اللَّهُ وَيَغْفِرْ لَكُمْ ذُنُوبَكُمْ﴾ [سورة آل عمران: من الآية٣١]

*. Эй паёмбар бигӯ: Агар дӯстдори Аллоҳ бошед, пас пайравии ман кунед ва бо зоҳиру ботинатон ба ман имон оред, то Ӯ низ шуморо дӯст бидорад ва гуноҳонатонро биёмурзад.*

*Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд:*

وقال ﷺ: ((لا يؤمن أحدكم حتى أكون أحب إليه من والده وولده والناس أجمعين)) متفق عليه من حديث أنس ﷺ،

*"Имони яке аз шумо мукаммал намегардад, то ман ба ӯ аз падару фарзандаш ва аз тамоми мардум, маҳбубтар бошам".*

وقال تعالى: ﴿فَالَّذِينَ آمَنُوا بِهِ وَعَزَّرُوهُ وَنَصَرُوهُ وَاتَّبَعُوا النُّورَ الَّذِي أُنْزِلَ مَعَهُ أُولَئِكَ هُمُ الْمُفْلِحُونَ﴾ [سورة الأعراف: من الآية١٥٧]

*Пас касоне, ки ба паёмбари уммӣ (дарснахонда, Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам) имон оварданд ва ҳурматашро нигоҳ доштанд ва ёриаш карданд ва аз он китоби Қуръон, ки ба ӯ нозил кардаем ва ба суннати ӯ пайравӣ карданд, растагоронанд!»*[13]

Шашум: Эътиқод кардан ба ин ки суннати ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам вай масдари шариати ислом аст ва вай ҳам мисли Қуръон бо ақл муориза карда намешавад.

---

[13] *Тафсири ибни Касир 3\489*

Ҳафтум: амал кардан ба суннаташ ва муқаддам донистани сухани ӯро бар сухани ҳама ва барояш таслим шудан ва ба шариаташ ҳукм кардан ва ба он розӣ будан.

قال تعالى: ﴿فَلا وَرَبِّكَ لا يُؤْمِنُونَ حَتَّى يُحَكِّمُوكَ فِيمَا شَجَرَ بَيْنَهُمْ ثُمَّ لا يَجِدُوا فِي أَنْفُسِهِمْ حَرَجاً مِمَّا قَضَيْتَ وَيُسَلِّمُوا تَسْلِيماً﴾ [سورة النساء، الآية:٦٥]

*Сипас Аллоҳ ба Зоти бузургвораш савганд ёд намуд, ки нест амр чунон ки онҳо гумон мебаранд, ки онҳо мӯъминонанд ва баъд аз он ба ҳукми ту розӣ намешаванд ва туро дар ҳамаи ихтилофоти худ ҳоким қарор намедиҳанд. Ва бояд малоле аз ҳукми ту дар дили худ надошта ва комилан таслим бошанд. Ихтиёр намудани ҳукми Расул саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва розӣ будан ва таслим шудан ба он чи овардааст аз назди Аллоҳ дар ҳама ҳолатҳои ҳаёт аз нишонаи сидқи имон аст*[14].

## 3. Бузургии калимаи шаҳодат

Бар бузургии калимаи тавҳид далолат мекунад насси Қуръон ва суннат.

А) Вай аввалин рукни ислом аст ва асли дин ва асоси миллат аст. Вай аввалин чизест, ки банда

[14] *Тафсири ибни Касир 2\349*

дохили ислом мешавад ва бар асоси он калима осмонҳову замин барпо меистанд.

Б) Ва ба таҳқиқи он калима тавҳиди Аллоҳ ва ҳукми шариати паёмбараш ҷамъ меоянд.

В) Ин калима сабаби ҳифзи хун ва мол аст. Касе, ки ин калимаро бо забонаш арза кунад сабаби муҳофизати хуну молаш мегардад.

Г) Гуфтани “لا إله إلا الله” бузургтарин амалҳо ба ҳисоб меравад. Ва аз бузургтарини он кафорат аст барои гуноҳон ва дар рӯзи қиёмат тарозуро вазнин мегардонад ва сабаби дохил шудани ҷаннат ва наҷот аз дузах аст. Агар ҳафт осмон ва ҳафт заминро дар  як паҳлӯи тарозу ва “لا إله إلا الله” ро дар паҳлӯи дигари тарозу гузоранд “لا إله إلا الله” бар онҳо вазнинтар мефарояд.

Дар ҳадиси саҳеҳ аз Убодата разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки

مرفوعاً ((من شهد أن لا إله إلا الله وأن محمداً عبده ورسوله حرّم الله عليه النّار))

*“Касе, ки гувоҳӣ диҳад нест маъбуди барҳақ ба ҷуз Аллоҳ таъоло ва ин ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Аллоҳ аст, Аллоҳ таъоло дузахро бар вай ҳаром мегардонад”.*

Д) Ин калима дорои зикр, дуо ва сано аст. Ва дуои ибодат ва дуои масъалатро дарбар мегирад. Ва ин калима аз ҳама азкори бисёртарин, ки гуфта мешавад ва осонтарин роҳи ҳосили савоб аст. Ин калимаи тайййиба ва такягоҳи бо эътимод ва калимаи ихлос аст, ки бар асоси он ҳафт осмонҳову замин барпо

истодаанд. Ва аз барои он Аллоҳ халқро биофарид ва паёмбаронро фиристод ва китобҳоро нозил кард ва шариатро аз фарзу суннат мукаммал сохт. Ва аз барои ин калима шамшери ҷиҳод кашида шуд. Пас касе ин калимаро сидқан бигӯяд ва бо ихлосу бо муҳаббат қабул намояд ва ба он амал намояд ва бар кадом амале ки бошад Аллоҳ ӯро дохили биҳишт мекунад.

**Рукни дуюм: Намоз**

Намоз аз бузургтарин ибодатҳо ва возеҳтарин бурҳон аст, ки ислом ба он аҳамияти бузург додааст. Ва фазлу манзалаи онро дар байни ибодатҳо баён кардааст. Намоз ин алоқа байни банда ва Парвардигораш аст. Бо намоз банда, банда будани худро ошкор месозад.

**Таърифи намоз:**

Намоз дар луғат маънои дуоро дарбар мегирад. Чуноне, ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَصَلِّ عَلَيۡهِمۡۖ إِنَّ صَلَوٰتَكَ سَكَنٞ لَّهُمۡ﴾ [سورة التوبة: من الآية١٠٣]

*"Ва барояшон дуъо кун, зеро дуъои ту мояи оромиши онҳост"*

Ва дар маънои истилоҳӣ: ибодатест, ки дарбар мегирад гуфтор ва афъоли махсусеро ва бо такбир

ифтитоҳ меёбад ва бо таслим (салом додан) хотима меёбад.

Мурод аз гуфтор: Такбир, қироат, тасбеҳ, дуо ва ғайра.

Мурод аз афъол: Қиём, рукӯъ, суҷуд, ҷалса ва ғайра.

**Аҳамияти намоз назди паёмбарон ва расулон алайҳимуссалом.**

Намоз аз ибодатҳоест, қабл аз паёмбарамон Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар динҳои осмонии пешина вуҷуд дошт. Далели он Иброҳим алайҳиссалом аз Парвардигори худ суол мекунад, ки "Ман ва зурриёти маро барпокунандаи намоз гардон". Чуноне ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿رَبِّ اجْعَلْنِي مُقِيمَ الصَّلاةِ وَمِنْ ذُرِّيَّتِي﴾ [سورة إبراهيم: من الآية٤٠].

*Эй парвардигори ман, маро ва фарзандони маро (ба пуррагӣ) барпойдорандагони намоз гардон.*

Ва низ Исмоил алайҳиссалом аҳли худро ба намоз амр мекунад.

﴿وَكَانَ يَأْمُرُ أَهْلَهُ بِالصَّلاةِ وَالزَّكَاةِ﴾ [سورة مريم: من الآية٥٥].

*Ва хонадони худро ба намозу закот амр мекард.*

Ва Аллоҳ таъоло бар Мусо алайҳиссалом низ чунин амр ба намоз мекунад.

﴿إِنَّنِي أَنَا اللَّهُ لا إِلَهَ إِلَّا أَنَا فَاعْبُدْنِي وَأَقِمِ الصَّلاةَ لِذِكْرِي﴾ [سورة طه، الآية:١٤].

*Ҳароина, Аллоҳи якто Ман ҳастам. Ҳеҷ маъбуди барҳақ ҷуз ман нест. Пас танҳо маро бипараст ва намоз бихон, то ба ёди Ман бошӣ.*

Ва Аллоҳ таъоло бар Исо алайҳиссалом низ чунин васият мекунад.

﴿وَجَعَلَنِي مُبَارَكاً أَيْنَ مَا كُنْتُ وَأَوْصَانِي بِالصَّلاةِ وَالزَّكَاةِ مَا دُمْتُ حَيّاً﴾ [سورة مريم، الآية: ٣١].

*Ва ҳар ҷо, ки бошам, маро баракат ва хубӣ додааст ва маро ба хондани намоз ва додани закот, то вақте ки зинда бошам, супориш кардааст.*

Аллоҳ таъоло намозро ба паёмбарамон саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар осмон шаби исро ва меъроҷ фарз гардонд. Намоз дар аввали фарзияташ аз панҷоҳ намоз иборат буд. Баъд аз он сабукӣ бахшида шуд ва ба панҷ вақт намоз қарор гирифт. Пас касе, ки панҷ вақт намозро адо намояд, ба панҷоҳ савоб баробар хоҳад шуд.

Панҷ вақт намоз иборат аст аз инҳо: Бомдод, пешин, аср, шом, ва хуфтан. Ҷамиъи мусалмонон бар ин амр иқрор доранд.

**Далели фарзияти намоз:**

Аввалан аз китоби Қуръон:

﴿وَأَقِيمُوا الصَّلاةَ وَآتُوا الزَّكَاةَ﴾ [سورة البقرة: من الآية٤٣].

*Ва намоз бигузоред ва закот бидиҳед.*

قوله تعالى: ﴿إِنَّ الصَّلاةَ كَانَتْ عَلَى الْمُؤْمِنِينَ كِتَاباً مَوْقُوتاً﴾ [سورة النساء: من الآية١٠٣].

*Ҳамоно намоз бар мӯъминон дар вақти муайян воҷиб шудааст.*[١٥]

﴿وَمَا أُمِرُوا إِلَّا لِيَعْبُدُوا اللَّهَ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ حُنَفَاءَ وَيُقِيمُوا الصَّلاةَ وَيُؤْتُوا الزَّكَاةَ﴾ [سورة البينة: من الآية٥].

*Ва ононро фақат ин фармон доданд, ки Аллоҳро мухлисона бипарастанд, дар ҳоле ки дар дини Ӯ бо ихлос бошанд. Ва намоз гузоранду закот диҳанд.*

**Сонияян: аз Суннат**

1. Ҳадиси Абдулло ибни Умар разияллоҳу анҳумо ривоят мекунад, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *"Ислом бар панҷ асос бино шудааст; гувоҳӣ додан ба ин ки нест маъбуди барҳақ ба ҷуз Аллоҳ ва Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам фиристодаи Аллоҳ аст ва намозро барпо доштан ва закотро адо намудан ва ҳаҷҷи байтуллоҳ кардан ва рӯзаи моҳи рамазонро гирифтан".* Муттафақун алайҳ.

---

[15] [15] *Ин оят ба он далолат мекунад, ки намоз дар вақташ фарз аст. (Тафсири Саъдӣ 1/198)*

2. Ҳадиси Умар ибни Хаттоб разияллоҳу анҳу, ки дар ривоят шудааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *"Ислом ин аст, ки гувоҳӣ диҳӣ нест маъбуди барҳақ ба ҷуз Аллоҳ таъоло ва Муҳаммад расули Аллоҳ аст ва намозро барпо дорӣ ва закотро адо намоӣ ва рӯзаи рамазонро бигирӣ ва агар қудрату тавонӣ дошта бошӣ ҳаҷҷи байтуллоҳ бикунӣ"* Ривояти Муслим.
3. Ҳадиси Абдулло ибни Аббос разияллоҳу анҳумо, ки ривоят мекунад, ин ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам Муозро ба сӯи Яман фиристода фармуданд: *"Онҳоро ба гувоҳӣ додан ба ин ки нест маъбуди барҳақ ба ҷуз Аллоҳ ва Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам фиристодаи Аллоҳ аст, даъват намо, пас онҳо агар дар ин амр итоат карданд, онҳоро хабар деҳ, ки Аллоҳ таъоло бар онҳо дар як шабонарӯз панҷ вақт намозро фарз гардондааст..."* Муттафқун алайҳ.

**Сеюм: далел аз иҷмоъ**

Ҳамаи мусалмонон бар машруияти намоз иқрор ҳастанд, ки он яке фарзе аз фарзҳои ислом аст.

**Ҳикмат аз машруияти намоз:**

Ҳикмат аз машруияти намоз ва асрори он иборат аз он аст, ки; ибодат кардани банда Аллоҳи ягонаро, ки ӯ дар назди Ӯ банда аст. Намоз аст, ки банда ба он банда будани худро ҳис мекунад ва ҳамеша бо холиқи худ

дар алоқа мешавад. Намоз соҳиби худро ба Аллоҳ дар алоқаи мустаҳкам нигаҳ медорад ва доим бо зикри худаш машғул месозад. Намоз соҳибашро аз корҳои фаҳшу мункар бозмедорад. Ва вай сабаби покиза намудани гуноҳони банда аст. Дар ин боб ҳадиси Ҷобир разияллоҳу анҳу далолат мекунад, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд:

"مثل الصلوات كمثل نهر جار غمر على باب أحدكم يغتسل منه كل يوم خمس مرات" رواه مسلم.

*"Масали намозҳои панҷгона ба монанди ҷӯйбори ҷорие, ки аз назди дари яке аз шумо мегузарад ва ҳар рӯз аз он панҷ маротиба шустушӯ мекунад".*

Намоз дилро таскину ором мекунад ва нафсро роҳат медиҳад ва аз кудурату мусибатҳо нафсро халос месозад. Аз ҳамин сабаб намоз барои Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам чашми дурахшон буд, ҳар вақте, ки кори мушкиле бар сари ӯ меомад ба сӯи намоз бармехест. Дар ривояти Имом Аҳмад омадааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармуданд:

"يا بلال أرحنا بالصلاة" أخرجه أحمد.

*"Эй Билол бо намоз моро дар роҳат қарор деҳ"*

## Намоз бар ки воҷиб мешавад

Намоз воҷиб мешавад бар ҳар мусалмоне, ки болиғ, оқил мард ё зан бошад. Аммо бар кофир воҷиб намешавад, зеро ки намоз бо ақидаи куфр дуруст намешавад, магар ин ки дар охират муҷиби азоб мегардад, чунки ӯ қодир буд намозро бо ислом оварданаш ба ҷо оварад, лекин ба ҷо наоварда. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿مَا سَلَكَكُمْ فِي سَقَرَ. قَالُوا لَمْ نَكُ مِنَ الْمُصَلِّينَ. وَلَمْ نَكُ نُطْعِمُ الْمِسْكِينَ. وَكُنَّا نَخُوضُ مَعَ الْخَائِضِينَ. وَكُنَّا نُكَذِّبُ بِيَوْمِ الدِّينِ. حَتَّى أَتَانَا الْيَقِينُ﴾ [سورة المدثر، الآيات: ٤٢-٤٧]

*Ҳар кас гаравгони корест, ки кардааст, хоҳ нек аст, хоҳ бад аз он раҳо намеёбад, то он вақте ки ҳаққашро бидиҳад.*

*39. Ғайри мусалмонони холис онҳое, ки худашонро бо амалҳои шоиста наҷот доданд.*

*40. Онҳо дар биҳиштҳо нишастаанд ва аз якдигарашон мепурсанд,*

*41. аз кофироне, ки дар ҳаққи худашон гуноҳ кардаанд.*

*42. Чӣ чизҳое шуморо ба ҷаҳаннам даровард?*

*43. Гӯянд гунаҳкорон : "Мо дар дунё аз намозгузорон набудем*

*44. ва ба дарвешону камбағалон таъом намедодем*

*45. ва бо онон, ки сухани ботил мегуфтанд, ҳамовоз мешудем*

*46. ва рӯзи қиёматро дӯруғ мешуморидем,*

*47. то марги мо фаро расид ва мо дар ҳамон гумроҳӣ будем"*

Инчунин бар кудак ҳам воҷиб намешавад, аз сабабе, ки ба синни балоғат нарасидааст ва низ бар девона ҳам ва низ бар заноне, ки ба каслии ҳайзу нифос дучор мешаванд. Ин ҳаддест, ки шариат барояшон муқаррар кардааст. Воҷиб мешавад бар касоне, ки бар хурдсолон сарпарастӣ доранд дар синнӣ ҳафтсолагӣ онҳоро бар намоз хондан амр намоянд ва дар синни даҳ солагӣ агар нахонанд, онҳоро бизананд. Чуноне ки дар ҳадис ворид шудааст, то бар адо намудани намоз одат кунанд ва бар он ҳарису шавқманд шаванд.

**Ҳукми торики намоз:**

Касе, ки намозро тарк кунад, кофир мешавад ва аз ислом хориҷ мегардад ва зумраи муртадҳо ба ҳисоб меравад. Зеро ки ӯ фарзияти Аллоҳро тарк намуда ва Ӯро нофармонӣ кардааст. Фармуда мешавад тавба кунад ва агар тавба кард ва ба барпо доштани намоз бозгашт боз ба динаш бозмегардад ва агар тавба накард аз динаш хориҷ ва муртад шудааст. Ӯро на шустушӯ, на кафан, на ҷаноза ва на дар қабристони мусалмонон дафн карда мешавад, зеро ки вай яке аз онҳо нест.

**Шартҳои намоз**:

1. Ислом
2. Ақл
3. Тамиз

4. Дохил шудани вақт
5. Ният
6. Рӯ ба сӯи қибла
7. Сатри аврат: (Аврати мард аз ноф то зону ва аврати зан тамоми баданаш аврат аст магар ду кафи дасташ ва рӯяш дар намоз)
8. Ҷома ва бадани пок ва ҷое, ки дар он намоз мегузорад низ аз наҷосат пок бошад.
9. Пои бо таҳорат ва аз ҷанобат ғусл карда бошад.

**Вақтҳои намоз:**

1. Вақти намози зуҳр (пешин) завол шудани офтоб аз маҳалли қиём ба тарафи ғуруб, то вақте ки сояи ҳар як чиз як баробар гардад.
2. Вақти намози аср, аз баромадани вақти пешин, то вақте ки сояи ҳар як чиз ду баробар гардад. Ва он вақти саршавии зардии офтоб аст.
3. Вақти намози мағриб, аз фурӯ рафтани офтоб то ғоиб шудани шафақи сурх ва он сурхие аст, баъди фурӯ рафтани офтоб падид меояд.
4. Вақти намози хуфтан дохил мешавад бо баромадани вақти намози шом то нисфи шаб.
5. Вақти намози бомдод аз намоён шудани субҳи дуюм модоме, ки тулуи офтоб нашавад.

Ва далели он аз рӯи ҳадиси Абдуллоҳ ибни Амр разияллоҳу анҳу, ки Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд:

**"وقت الظهر إذا زالت الشمس وكان ظل الرجل كطوله ما لم يحضر العصر، ووقت العصر ما لم تصفر الشمس، ووقت صلاة المغرب ما لم يغب الشفق، ووقت صلاة العشاء إلى نصف الليل الأوسط، ووقت صلاة الصبح من طلوع الفجر ما لم تطلع الشمس، فإذا طلعت الشمس فأمسك عن الصلاة.." الحديث. رواه مسلم.**

*“Вақти намози пешин; ҳар вақте ки офтоб аз қиём бигзарад ва сояи мард монанди қомати мард бошад, то он миқдоре, ки намози аср ҳозир нагардад. Ва вақти намози аср он вақтест, ки зардии офтоб маълум нагардад. Ва вақти намози шом он вақтест, ки шафақ ғоиб нагардад. Ва вақти намози хуфтан, то нисфи шаби миёна аст. Вақти намози бомдод аз дамидани субҳ то замоне, ки офтоб тулуъ накунад, пас вақте ки офтоб тулӯъ кунад аз намоз бозистад...”.* (Ривояти Муслим).

**Адади ракаатҳои намоз**

Ҳамаи ададҳои намозҳои фарзшуда аз 17 ракаат иборатанд.

Пешин 4 ракаат

Аср 4 ракаат

Шом 3 ракаат

Хуфтан 4 ракаат

Бомдод 2 ракаат

Касе, ки қасдан дар адади ракаатҳои ин намозҳо зиёд кунад ё кам кунад, намозаш ботил аст. Ва агар саҳван

рӯй диҳад дар ҷои он саҷдаи саҳвро истифода мебарад.

Аммо касе, ки мусофир бошад, мустаҳаб аст намози 4 ракатаро ба 2 ракаат қаср мекунад. Бар мусалмон воҷиб мешавад ин ки ин намозҳои панҷвақтаро дар вақти муқаррар кардааш гузорад, магар он ҳолате, ки узри шаръӣ дошта бошад, монанди хоб, фаромӯшӣ ва сафар. Пас касе ки аз намоз хобаш бурд ё фаромӯш кард, ҳар вақте ки ба ёдаш омад намозашро барпо дорад.

**Аркони намоз:**

1. Рост истодан бо тавоноӣ
2. Такбири эҳром
3. Қироати фотиҳа
4. Рукӯъ кардан
5. Аз рукӯъ хестан
6. Саҷда кардан бар аъзои ҳафтгона
7. Нишастан дар саҷда
8. Ташаҳҳуди охир
9. Нишастан барои ташаҳҳуд
10. Ором гирифтан дар арконҳо
11. Тартиб байни арконҳо
12. Салом додан

**Воҷиботи намоз:**

1. Ҷамиъи такбироте, ки дар намоз гуфта мешавад, ба ҷуз такбири эҳром.
2. Гуфтани “Самиаллоҳу лиман ҳамидаҳ”. Шунавондани ин воҷиб аст дар ҳаққи имом ва танҳогузор, аммо иқтидокунанда намегӯяд онро.
3. Гуфтани “Раббана лакал ҳамд” ҳам бар имом ва иқтидокунанда ва танҳо гузор воҷиб аст.
4. Гуфтани “Субҳа/на раббиял азим” дар рукӯъ.
5. Гуфтани “Субҳа/на раббиял аъла/” дар суҷуд.
6. Гуфтани “Раббиғфирлӣ” дар байни ду саҷда.
7. Ташаҳҳуди аввал; ва он гуфтани “Аттаҳийяту лиллаҳи вассалавату ваттайибат. Ассаламу алайка айюҳаннабию ва раҳматуллоҳи ва баракатуҳ. Ассаламу алайна ва ала ибадиллаҳис солиҳин. Ашҳаду ан ла илаҳа иллаллоҳ ва ашҳаду анна муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳ”.
8. Нишастан барои ташаҳҳуди аввал.

Ҳар касе яке аз ҳамин воҷиботро қасдан тарк намояд намозаш ботил мешавад. Ва касе нодониста ва ё саҳван тарк намояд саҷдаи саҳв мекунад.

**Намози ҷамоат:**

Бар ҳар марди мусалмон бояд намозҳои панҷгонаро бо ҷамоати мусалмонон дар масҷидҳо бигузорад, то ин ки ризогии Аллоҳро дарёбад ва аз савоби он баҳра барад. Фазли намози ҷамоат аз намози танҳогузор 27 дараҷа зиёд аст. Дар ҳадиси Абдуллоҳ ибни Умар

разияллоҳу анҳумо омадааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд:

"صلاة الجماعة أفضل من صلاة الفذ بسبع وعشرين درجة" متفق عليه.

*“Намози ҷамоат аз намози танҳогузор 27 дараҷа афзалтар аст” Муттафақун алайҳ.*

Аммо намози муслимазан дар хонааш гузоридан афзалтар аст аз намоз гузориданаш бо ҷамоат.

**Вайронкунандаҳои намоз:**

Намоз ба чанд умури зерин ботил мешавад.

1. Қасдан хӯрдану нӯшидан. Ҳамаи иҷмои уламо бар як қароранд, ки қасдан хӯрдану нӯшидан намоз ботил мешавад ва аз нав иода карда шавад.
2. Қасдан гап задан. Бинобар ҳадисе ки аз Зайд ибни Арқам разияллоҳу анҳу ривоят шудааст, ки гуфт: “Мо дар намоз гап мезадем, марде аз мо дар намоз шахси дар паҳлӯяш бударо гап мезад, ҳатто ин оят нозил шуд”.

**﴿وَقُومُوا لِلَّهِ قَانِتِينَ﴾ [سورة البقرة: من الآية٢٣٨]**

*“Барои Аллоҳ фармонбардор ва дар ҳолати хушӯъ бошед”.*

“Пас моро  ба хомӯшӣ амр карда шуд ва аз гап задан манъ карда шуд”. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Ва низ иҷмои уламо бар як қароранд, ки шахсе ки дар намозаш қасдан гап мезанад ва ҳоло он ки ислоҳи намозашро намехоҳад, пас намозаш фосид аст.

3. Қасдан амали бисёр кардан (Ин ба монанди он аст, ки назаркунанда хаёл мекунанд, шахси намозгузор дар намоз нест).
4. Тарк намудани рукн ё шартеро қасдан бе як узр. Монанди намоз хондан бетаҳорат ё ба тарафи қибла нахондан. Далели он дар саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим омадааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои аъробие ки намози худро хуб намегузошт фармуданд:

"ارجع فصل فإنك لم تصلّ"

*"Бозгард ва аз нав намоз гузор, ки ту ҳоло намоз нахондӣ".*

5. Ханда кардан дар намоз. Иҷмои уламо бар як раъй ҳастанд, ки намоз бо ханда кардан вайрон мешавад.

**Вақтҳое, ки намоз хондан дар он манъ аст.**

1. Баъд аз намози бомдод то офтоб баланд шудан
2. Вақти қиём
3. Баъди намози аср то фурӯ рафтани офтоб

Дар ин боб ҳадисе, ки аз Уқба ибни Омир разияллоҳу анҳу ривоят шудааст, ки дар ин вақтҳои

номбаркардашуда хондани намоз макрӯҳ аст. Гуфт: *“Се вақтест, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам моро дар ин вақтҳо аз хондани намоз ва гӯр кардани мурдаҳоямон ва он вақти офтоб баромадан то андозае, ки баланд шавад равшан гардад манъ мекарданд ва вақте ки қиём барпо шавад, то гузаштани офтоб аз қиём ва вақти фурӯ рафтани офтоб то ғоиб шуданашро”* Ривояти Муслим. Ва инчунин дар ҳадисе ки Абӯсаид ривоят мекунад, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд:

: "لا صلاة بعد صلاة العصر حتى تغرب الشمس، ولا صلاة بعد صلاة الفجر حتى تطلع الشمس" متفق عليه.

*“Баъд аз намози аср намоз хонда намешавад то офтоб фурӯ наравад ва бад аз намози бомдод намоз хонда намешавад то баромадани офтоб”. Муттафақун алайҳ.*

**Сифати намоз хондан:**

Бар мусалмон воҷиб мешавад, ки чи гуна будани намозро иқтидо ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам кунад. Чуноне ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд

"صلوا كما رأيتموني أصلي" رواه البخاري.

*“Намоз гузоред чуноне ки маро мебинед, ки ман намоз мегузорам”. (Ривояти Бухорӣ).*

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам вақте ки бар намоз қоим мешуданд пеши Аллоҳ таборака ва таъоло истода ва бо дилашон нияти намоз мекарданд, аммо бо забон гуфтани ният аз он ҳазрат дар асар наомадааст ва такбир гӯён ду дасти худро дар баробари китф боло карда ва гоҳо то баробари ду нармаи гӯш боло мекарданд ва дасти ростро бар рӯи дасти чап болои банди дил мениҳоданд ва намозро бо дуои истифтоҳ шурӯъ менамуданд. Яке аз он дуоҳо:

**(سبحانك اللهم وبحمدك، تبارك اسمك، وتعالى جَدُّك، ولا إله غيرك)،**

*"Пок ҳастӣ Ту бор илоҳо ва ба шукронаи Ту ва номат бобаракот аст ва баландмартаба аст бузургии Ту ва ба ҷуз Ту ҳеҷ кас сазовори ибодат нест".*

Баъд аз он сураи фотиҳа ва дигар сураеро хонда такбиргӯён ду досташро боло карда ба рукӯъ рафта пушташро дар рукӯъ ҳамвор мекард, ҳатто агар қадаҳи пур аз обро болои пушташ гузошта мешуд аз он чизе намерехт. Дар он ҳолат се бор (**سبحان ربي العظيم**) гуфта (*яъне; Пок аст Парвардигори бузурги ман*). Баъд аз он сарашро бардошта (**سمع الله لمن حمده، ربنا ولك الحمد**) гуфта (яъне; *Аллоҳ шунид сухани шахсеро, ки барояш ҳамду сипос гуфтааст. Парвардигори мо Ту сазовори ҳамду сипос ҳастӣ)* ва низ дар ин ҳолат дастонашро боло карда ҳатто рост қоим мешавад. Баъд аз он такбир гуфта ба саҷда меравад. Вақте ки саҷда кард ду дасти худро аз ҷониби худ дур мекард, ҳатто сафедии зери бағалаш

намоён мешуд ва пешонӣ, бинӣ, ду кафи даст ва ду зону ва ду атрофи қадамашро дар замин қарор мекард. Дар он ҳолат се бор (سبحان ربي الأعلى) гуфта баъд аз он такбир гуфта бар болои пои чап нишаста ва пои росташро баланд карда ва ангуштони пояшро тарафи қибла карда ин дуоро мехонд: ( **رب اغفر لي وارحمني واجبرني وارفعني واهدني وعافني وارزقني**) яъне Парвардигоро гуноҳи маро биомӯрз ва маро тараҳҳум кун ва айбу нуқсони маро бипӯш ва дараҷаи маро баланд кун ва маро ҳидоят кун ва маро дар офият гузор ва ризқу рӯзии маро бидеҳ. Баъд аз он такбир гуфта ва саҷда карда сипас барои ракаати дуюм бармехест.

Инчунин дар ҳамаи ракаат ҳамин феълро иҷро мекард. Вақте ки баъди дуюм ракаат дар ташаҳҳуди аввал менишаст аттаҳиётро то абдуҳу ва расулуҳ мехонд:

(التحيات لله والصلوات والطيبات، السلام عليك أيها النبي ورحمة الله وبركاته، السلام علينا وعلى عباد الله الصالحين، أشهد أن لا إله إلا الله وأشهد أن محمداً عبده ورسوله)

Маъношяш: *Фармонравоӣ, раҳмат ва баракат ва покӣ махсуси Аллоҳ аст. Салом ва раҳмат ва баракоти Аллоҳ бар ту бод эй Паёмбар. Салом бар мо ва ҳамаи бандагони солеҳи Аллоҳ. Ман гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуде ба ҷуз Аллоҳи ба ҳақ вуҷуд надорад ва Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам банда ва расули Ӯст.*

Баъд аз он мехест такбиргӯён ду дасташро бардошта вақте ки рост қоим мешуд ва дар намозҳои 4 раката

чунин мекард. Ҳар вақте ки барои ташаҳҳуди охир менишаст ва дар сеюм ракаати намози шом ё чорум ракаати намози пешин, аср ва хуфтан мутавррик менишаст. Яъне бар мақъади чапаш менишаст ва пои чапашро аз зери поиросташ берун мекард ва кафи пои росташро баланд карда ангуштони пояшро рӯ ба сӯи қибла мекард. Ва ангуштони кафи росташро ҷамъ мекард ба ҷуз ангушти сабобаашро ва онро бо ишора нигоҳ медошт ё ки ҳаракат медод ва чашмашро аз нигоҳи  он дур намекард. Пас ҳар вақте, ки аз хондани ташаҳудаш фориғ шуд аввал аз тарафи росташ ва сонӣ аз тарафи чапаш (السلام عليكم ورحمة الله، السلام عليكم ورحمة الله) гуфта салом медод. Ҳатто сафедии рӯхсорааш дида мешуд.

Дар чанд ҳадисҳо аз Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар бораи сифати намоз зикр шудааст.

Ин баъзе аз ҳукмҳои намоз аст, ки салоҳияти амал бар он вобаста аст. Агар намоз дуруст шавад, тамоми амалҳо дуруст шаванд ва агар намоз вайрон шавад, тамоми амалҳо вайрон шавад. Намоз аввалин пурсише аст, ки бандаро дар рӯзи қиёмат аз он суол мекунанд, агар онро мукаммал адо намуда бошад, ба ризогии Аллоҳ мушарраф шудааст ва агар чизеро аз он нуқсондор кунад, ҳалок шавад. Намоз боздорандааст соҳибашро аз амалҳои зишт ва мункар

ва он табобаткунандаи нафси башарият аст аз ҳар гуна анвоъи шар, ҳатто аз палидиҳо нафсро тоза мекунад.

**Рукни сеюм: закот**

Таърифи закот:

Закот дар луғат ба маънои рӯидан, сабзидан ва зиёд шуданро гӯянд. Бар маънои мадҳ, покӣ ва шоистагӣ ҳам меояд. Закот баракаи молро зиёд мекунад ва бо омӯрзидани гуноҳ мардро пок месозад.

Аммо дар маънои истилоҳӣ: Закот гуфта ҳаққе, ки воҷиб аст дар моли махсус барои гӯруҳи махсус дар вақти махсус.

**Ҷойгоҳи он ва ҳикмат аз фарзияти он.**

Закот яке аз аркони панҷгонаи ислом аст. Дар бисёр аз ҷои Қуръон намоз бо закот якҷо меоянд. Чуноне ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

**﴿وَأَقِيمُوا الصَّلَاةَ وَآتُوا الزَّكَاةَ﴾ [سورة البقرة: من الآية٤٣]**

*"Ва намози фарзшударо барпо доред ва аз молҳоятон (закот) бидиҳед"*

**: ﴿وَيُقِيمُوا الصَّلَاةَ وَيُؤْتُوا الزَّكَاةَ﴾ [سورة البينة: من الآية٥]**

*"Ва намоз гузоранду закот диҳанд."*

Дар ҳадиси муттафақун алайҳ омадааст, ки Паёмбар саллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: *“Ислом бар панҷ асос бино шудааст....” яке аз ҳамон “ адо намудани закот аст”.*

Аллоҳ таъоло закотро барои тоза кардани нафси башарият аз бахиливу тамаъ кардан ва баробар шудан байни камбағалону мискинон ва муҳтоҷон ва низ барои покӣ ва зиёдатӣ ва баракати мол ва муҳофизати он аз офату вайрониҳо ва барои барпо доштани масолиҳи омма, ки некбахтии ҳаёти уммат бар он аст, фарз гардондааст. Аллоҳ таъоло ҳикмат аз гирифтани закотро дар китобаш зикр намудааст. Чуноне ки мефармояд:

﴿خُذْ مِنْ أَمْوَالِهِمْ صَدَقَةً تُطَهِّرُهُمْ وَتُزَكِّيهِمْ بِهَا﴾ [سورة التوبة: من الآية١٠٣]

*“Аз молҳои тавбакунандагоне, ки аъмоли некӯро бо корҳои зишт омехтаанд, садақа (закот) биситон, то ононро поку муназзаҳ созӣ”*

**Ҳукми закот:**

Закот бар ҳар мусалмоне, ки нисоби молаш ба шартҳое, ки шариат онро муқаррар кардааст, фарз гардидааст, ҳатто аз кудак ва девона, ки сарапарастони онҳо аз ҷониби онҳо закотро адо менамоянд. Касе, ки қасдан ва дониста фарзияти закотро инкор кунад кофир мешавад. Ва касе, ки аз бахилӣ ва бепарвоӣ закотро манъ кунад фосиқ ва муртакиби гуноҳи бузург

ва Ӯ зери машияти Аллоҳ таоло аст агар бо ин гуна рафтор бимирад. Чуноне ки Аллоҳ таоло мефармояд:

: ﴿إِنَّ اللَّهَ لا يَغْفِرُ أَنْ يُشْرَكَ بِهِ وَيَغْفِرُ مَا دُونَ ذَلِكَ لِمَنْ يَشَاءُ﴾ [سورة النساء: من الآية٤٨]

*". Ба дурустӣ, ки Аллоҳ намеомурзад, ки Ӯро ширк муқаррар карда шавад ва гуноҳони поинтар аз онро барои ҳар касе, ки бихоҳад (аз гуноҳони сағира ва кабира), меомурзад."*

Аз ин гуна кас закотро гирифта мешавад ва бинобар муртакиб шуданаш ба гуноҳи бузург ҷазо дода мешавад. Аллоҳ таоло дар бораи касоне, ки закотро адо наменамоянд ваъдаи бар азоб додааст. Чуноне ки Аллоҳ таоло мефармояд:

﴿وَالَّذِينَ يَكْنِزُونَ الذَّهَبَ وَالْفِضَّةَ وَلا يُنْفِقُونَهَا فِي سَبِيلِ اللَّهِ فَبَشِّرْهُمْ بِعَذَابٍ أَلِيمٍ. يَوْمَ يُحْمَى عَلَيْهَا فِي نَارِ جَهَنَّمَ فَتُكْوَى بِهَا جِبَاهُهُمْ وَجُنُوبُهُمْ وَظُهُورُهُمْ هَذَا مَا كَنَزْتُمْ لأَنْفُسِكُمْ فَذُوقُوا مَا كُنْتُمْ تَكْنِزُونَ﴾ [سورة التوبة، من الآية: ٣٤ والآية٣٥]

*Эй касоне, ки имон овардаед, ҳамоно бисёре аз олимону обидони аҳли китоб амволи мардумро ба ноҳақӣ (аз роҳи ришва ва ҳаром) мехӯранд ва дигаронро аз роҳи Аллоҳ бозмедоранд. Ва касонеро, ки тиллову нуқра захира мекунанд ва дар роҳи Аллоҳ харҷаш намекунанд (яъне, закот намедиҳанд), башорат деҳ онҳоро ба азоби дардовар.*[16]

[16] *Тафсири Табарӣ 14/ 217*

ﷺ: ((ما من صاحب كنز لا يؤدي زكاته إلا أحمي عليه في نار جهنم، فيجعل صفائح، فيكوى بها جنباه وجبينه حتى يحكم الله بين عباده في يوم كان مقداره خمسين ألف سنة ثم يرى سبيله إما إلى الجنة وإما النار...)) الحديث متفق عليه وهذا لفظ مسلم.

Аз Абуҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд:

*"Ҳеҷ соҳиби хазинадоре, ки закоти худро адо наменамояд, магар ин ки ӯро дар тахтасангҳое аз оташ барои ӯ паҳн ва бо оташи ҷаҳаннам гудохта мешавад ва бо он паҳлӯ ва пешониаш доғ мегардад, то замоне, ки Аллоҳ байни бандагонаш ҳукм менамояд, дар он рӯзе, ки миқдораш панҷоҳ ҳазор сол аст. Баъд аз он роҳашро ба ӯ нишон дада мешавад, ки ё ба сӯи ҷаннат аст ё ба дузах".*

## Шартҳои вуҷубияти закот

Шартҳои воҷиб гардидани закот панҷтоанд:

1. Ислом, бар кофир воҷиб намегардад.
2. Озод, аммо бар ғулом воҷиб намешавад назди аксари аҳли илм ва инчунин бар ғуломе, ки барои озод кардани худ тамоми маблағашро пурра адо нанамудааст, зеро ки вай дар ҳукми ғулом аст.
3. Молаш ба нисоб расад, пас агар молаш ба нисоб нарасад закот бар вай воҷиб намешавад.
4. Тамоми мол, аммо закот нест дар қарзи навишташуда ва на дар ҳиссаи музорибае, ки фоидааш тақсим нашудааст ва на дар қарзе, ки қарзгиранда наметавонад қарзашро баргардонад, то он замоне, ки қарзашро бигирад ва закот нест

дар молҳое, ки вақф гузошта шудаанд дар роҳи хайр ва некӯӣ монанди муҷоҳидҳо ва масҷидҳо ва мискинҳо ва дигарон.

5. Сари сол. Пас закот нест дар моле, ки як соли пурра наомадааст, магар дар зироат: донаҳо ва меваҳо. Вақти закоти онҳо даравидан ва чидани онҳост. Бинобар фармудаи Аллоҳ таъоло:

: ﴿وَآتُوا حَقَّهُ يَوْمَ حَصَادِهِ﴾ [سورة الأنعام: من الآية١٤١]

*"ва дар рӯзи дарав ва ҷамъоварӣ ҳаққи (закоти) онро низ бипардозед"*

Ва маъданҳо ва рикоз ҳукмаш дар ҳукми хориҷ аз замин аст, зеро ки он молест, ки аз замин истифода бурда мешавад.

Ва дар соима (ҳайвоноте, ки бештари сол дар саҳро бичарад) ва фоидаҳои тиҷорат ҳар вақте ки ба нисоб расиданд ва як сол бигзашт, закоташон воҷиб мешавад.

Молҳое, ки дар он закот воҷиб мешавад:

Аз панҷ навъи мол закот воҷиб мешавад:

1. Тилло ва нуқра ва инчунин аз пулҳои коғазин, ки дар ҷои онҳо ба кор меравад. Миқдори закот дар он 2,5% мебошад. Воҷиб намешавад закот дар он, то сари як сол наояд ва бо нисоб нарасад. Миқдори нисоби тилло 20 мисқол аст. Вазни 1

мисқол баробар мешавад ба 4,25гиром. Пас нисоби тилло ба 85 гиром баробар мешавад.

Миқдори нисоби нуқра 200 дирҳам аст. Вазни 1 дирҳам баробар мешавад ба 2,975 гиром. Пас нисоби нуқра ба 595 гиром баробар мешавад.

Аммо пулҳои ҳозиразамон миқдори нисобашон ба қимати 85 гр тилло ё 595 гр нуқра баробар шавад.

Аммо он чӣ зиёд шуд бар нисоб, пас аз он закот бароварда мешавад мувофиқи он. Ва далели он ҳадиси Алӣ разияллоҳу анҳу, ки гуфт: Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд:

**إذا كانت لك مائتا درهم وحال عليها الحول ففيها خمسة دراهم، وليس عليك شيء حتى يكون لك عشرون ديناراً وحال عليها الحول ففيها نصف دينار، فما زاد فبحساب ذلك، وليس في مال زكاة حتى يحول عليه الحول)) رواه أبو داود وهو حديث حسن.**

*"Ҳар вақте ки ту соҳиби 200 дирҳам шудӣ ва сари соли он омад ба ту 5 дирҳам закот додан воҷиб мешавад. Ва чизе бар ту воҷиб нест, то ту соҳиби 20 динор нашавӣ ва сари соли он омад, нисфи динор закот додан бар ту воҷиб мешавад, пас он чи зиёд шуд ба ҳисоби он аст. Ва закот воҷиб намешавад, то сари соли он наояд".*

Зару зеварҳо агар барои захира кардан омода шуда бошад, бехилоф закот додан дар он воҷиб

мешавад. Аммо агар чанде барои истифода бурдан ҳам омода шуда бошад, бинобар қавли дурусти аҳли илм закот додан дар он воҷиб аст. Бинобар далеле, ки ба тариқи умум дар баёни воҷиб будани закот аз тиллову нуқра ворид шудааст. Абӯдовуд ва Насоӣ ва Тирмизӣ аз Амр ибни Шуайб аз падараш аз бобояш разияллоҳу анҳум ривоят кардаанд, ки:

أن امرأة أتت النبي ﷺ ومعها ابنة لها وفي يد ابنتها مسكتان غليظتان من ذهب، فقال لها: أتعطين زكاة هذا؟ قالت: لا، قال: "أيسرك أن يسورك الله بهما يوم القيامة سوارين من نار" فخلعتهما فألقتهما إلى النبي ﷺ، وقالت: هما لله ولرسوله

*“Зане бо ҳамроҳи духтараш, назди Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам омад, ки дар дасти духтараш ду дастпонае аз тиллои соф буд. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба ӯ гуфтанд: Оё закоти инро адо намудаӣ? Зан гуфт: Не! Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: Оё туро хурсанд мегардонад, ки Аллоҳ дар рӯзи қиёмат ду дастпонаи оташинро бар ту андозад. Пас он ҳар дуро аз худ кашида ба пеши Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам партофт ва гуфт ин ҳар дуро барои Аллоҳ ва расулаш боқӣ мегузорам.”*

Ва далели дигар аз Оиша разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки:

**دخل عليَّ رسول الله ﷺ فرأى في يدي فتخات من ورق فقال: ما هذا يا عائشة؟ فقلت: صنعتهن أتزين لك يا رسول الله، قال: أتؤدين زكاتهن؟ قلت: لا، أو ما شاء الله، قال: هو حسبك من النار**

*"Расули Аллоҳ ба назди ман даромаданд ва дар дасти ман ангуштарии нуқрагин диданд ва гуфтанд: Ин чи аст эй Оиша. Гуфтам инҳоро барои шумо кардам то ки бароятон худро зиннат диҳам. Гуфтанд: Оё закоташонро адо намудаӣ? Гуфтам: Не, ё ки он чӣ Аллоҳ хостааст. Гуфтанд: Вай басандааст туро аз оташ". Ривояти Абӯдовуд ва дигарон.*

Аммо маъданҳое, ки аз ғайри тилло сохта шудаанд дар онҳо закот воҷиб нест, магар ин ки барои тиҷорат бошанд аз қимати он закот дода мешавад.

**2. Ҳайвонот:**

Дар ҳайвонот дохил мешавад: шутур гов гӯсфанд. Закоти он, он вақт воҷиб мешавад, ки аксари сол дар саҳро чарида бошад, зеро ки аксар ҳукми умумиро дарбар мнгирад. Ва далели он қавли Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:

((في كل إبل سائمة صدقة)) رواه أحمد وأبو داود والنسائي

*"Дар ҳар шутуре, ки дар саҳро мечарад, закот воҷиб аст "*

((في صدقة الغنم في سائمتها)) رواه البخاري

*"Дар ҳар гусфанде, ки дар саҳро мечарад, закот воҷиб аст"*

Ба шарте ки ба нисоб расад ва як сол бигзарад.

Нисоби ҳайвоноте, ки дар онҳо закот дода мешавад:

| Навъ | Миқдори нисоб | | Миқдори воҷиб |
| --- | --- | --- | --- |
| | Аз | то | |
| Шутур | 5 | 9 | 1 гусфанд |
| | ١0 | ١4 | 2 гусфанд |
| | ١5 | ١9 | 3 гусфанд |
| | ٢0 | ٢4 | 4 гусфанд |
| | 2٥ | 3٥ | Шутури модаи яксолаи пурра ( بنت مخاض) |
| | 36 | 45 | Шутури модае, ки дусолаи пурра ( بنت لبون) |
| | 4٦ | ٦0 | Шутури модае, ки сесолаи пурра (حقة) |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | 61 | 75 | Шутури модае, ки чорсолаи, пурра (جذعة) |
| | 76 | 90 | Ду шутури модаи дусолаи пурра |
| | 91 | 120 | Ду шутури модаи сесолаи пурра |
| | Аз 120 адад шутур зиёд бошад | | Дар ҳар 40 шутур, 1 шутури модаи дусолаи пурра ва дар ҳар 50 шутур, 1 шутури сесолаи пурра |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Гов | ۳0 | ۳9 | 1 Гови нар ё модаи як солаи пурра |
| | 40 | 59 | 1 Гови дусолаи пурра |
| | 60 | 69 | 2 гови яксолаи пурра |
| | ۷0 | ۷9 | 1 гови яксолаи пурра ва 1 гови дусолаи пурра |
| | Аз 79 адад гов зиёд бошад | | Дар ҳар сари 30 гов як гови яксола ва дар ҳар сари 40 гов як гови дусола |
| гусфанд | 40 | 120 | 1 гусфанд |
| | 121 | 200 | 2 гусфанд |
| | 201 | 300 | 3 гусфанд |

| | | |
|---|---|---|
| | Аз 300 адад гусфанд зиёд бошад | Дар ҳар сари 100 гусфанд як гусфанд |

Ва далели ин, аз ҳадиси Анас разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки вақте Абӯбакри Сиддиқ ӯро ба Баҳрайн фиристод талаботи зеринро барои ӯ навишт:

بسم الله الرحمن الرحيم، هذه فريضة الصدقة التي فرض رسول الله ﷺ على المسلمين والتي أمر الله بها رسوله، فمن سُئِلها من المسلمين على وجهها فليعطها ومن سئل فوقها فلا يعط، في أربع وعشرين من الإبل فما دونها من الغنم من كل خمس شاة، فإذا بلغت خمساً وعشرين إلى خمس وثلاثين ففيها بنت مخاض أنثى، فإذا بلغت ستا وثلاثين إلى خمس وأربعين ففيها بنت لبون أنثى، فإذا بلغت ستاً وأربعين إلى ستين ففيها حقة، طروقة الجمل، فإذا بلغت واحدة وستين إلى خمس وسبعين ففيها جذعة، فإذا بلغت –يعني ستاً وسبعين- إلى تسعين ففيها بنتا لبون، فإذا بلغت إحدى وتسعين إلى عشرين ومائة ففيها حقتان طروقتا الجمل، فإذا زادت على عشرين ومائة ففي كل أربعين بنت لبون وفي كل خمسين حقة، ومن لم يكن معه إلا أربع من الإبل فليس فيها صدقة إلا أن يشاء ربها، فإذا بلغت خمساً من الإبل ففيها شاة،

*“Ба номи Аллоҳи бахшояндаи меҳрубон. Ин миқдор садақае аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам онро бар мусалмонон воҷиб карда ва Аллоҳ онро ба паёмбараш дастур додааст. Аз ин сабаб аз ҳар мусалмоне хоста шуд, ки мутобиқи он закот бидиҳад. Бояд онро бипардозад, вале агар беш аз он андоза аз ӯ хоста шуд, набояд бипардозад. Закоти 24 шутур ва камтар аз он (то панҷ шутур) гӯсфанд ё буз дода шавад. Аз ҳар панҷ шутур як гӯсфанд дода шавад. Ва ҳаргоҳ адади шутурон ба 25 то 35 сар расид як бинти махоз ва ага ба 36 то 45 шутур расид, як бинти лабун ва агар ба 46 то 60 шутур расид ҳиққаи обистан шуданро дошта бошад, закот дода шавад. Аз 61 то 75*

*шутур як ҷазаъа ва аз 76 то 90 шутур ду бинти лабун ва аз 91 то 120 шутур ду ҳиққа, ки тайёр ба обистан шуданро дошта бошанд, воҷиб мегардад. Ва ҳаргоҳ аз 120 шутур бештар шуд дар ҳар 40 шутур як бинти лабун ва дар ҳар 50 шутур як ҳиққа закот дода шавад. Касе, ки аз 4 шутур зиёд надошта бошад, закот бар ӯ воҷиб нест, магар ин ки худаш бипардозад. Ва агар ба панҷ шутур расид, як гӯсфанд ё як буз воҷиб мегардад".*

وفي صدقة الغنم في سائمتها إذا كانت أربعين إلى عشرين ومائة شاة، فإذا زادت على عشرين ومائة إلى مائتين شاتان، فإذا زادت على مائتين إلى ثلاثمائة ففيها ثلاث، فإذا زادت على ثلاثمائة ففي كل مائة شاة، فإذا كانت سائمة الرجل ناقصة من أربعين شاةً شاة واحدة فليس فيها صدقة إلا أن يشاء ربها)) الحديث رواه البخاري،

*"Ва дар закоти гӯсфанд (ва бузи) чаранда аз 40 то 120 сар як гӯсфанд (ё як буз) ва аз 121 то 200 сар ду гӯсфанд (ё ду буз) ва 201 то 300 сар се гӯсфанд (ё се буз) ва агар шумораи онҳо бештар аз 300 гӯсфанд (ё буз) як сар воҷиб мешавад. Агар шумораи гӯсфандон (ё бузон)и чаранда камтар аз 40 сар бошад, закот дар он воҷиб нест, магар ин ки соҳибаш бихоҳад".*

Ва дар ҳадиси Муоз ибни Ҷабал разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки:

((أن النبي ﷺ بعثه إلى اليمن فأمره أن يأخذ من كل ثلاثين بقرة تبيعاً أو تبيعة، وفي كل أربعين مسنة)) رواه أحمد وأصحاب السنن.

*“Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ӯро ба Яман фиристод ва ба ӯ амр намуд, ки то аз ҳар 40 гов як гови дусолаи пурра ва аз ҳар 30 гов як гӯсолаи нар ё модаи яксолаи пурраро ба унвони закот бигирам”.*

Зодаҳои ҳайвоноти чаранда бо модарҳояшон ба ҳисоб мераванд вақте ки модарҳояшон ба ҳадди нисоб расида бошанд. Мисоли он: марде 100 гӯсфанде дошт охири сол омад 21адад аз зодаҳои гӯсфандон зиёд шуд, пас 2 гӯсфанд закот медиҳад.

Агар ҳайвонот барои тиҷорат омода шуда бошанд, пас закоти он мисли закоти молҳои тиҷоратӣ мебошанд. Ва агар омода шуда бошанд барои истифода бурдан ё барои зиёд кардани онҳо пас дар он закот нест. Бинобар ҳадиси Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу:

((ليس على المسلم في عبده ولا فرسه صدقة)) أخرجه البخاري ومسلم.

“Воҷиб намешавад бар мусалмон закот додан дар ғуломаш ва аспаш”.

### 3. Закоти зироат ва меваҳо

Зироат ва меваҳо ҳам ҳар вақте ки ба нисоб расад, назди ҷумҳур воҷиб мешавад. Нисоб наздашон 5 авсуқ аст. Бинобар фармудаи Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:

((ليس فيما دون خمسة أوسق صدقة)) متفق عليه،

*"Дар зироат, то ба 5 авсуқ баробар нашавад закот воҷиб намешавад".*

Як "васақ" баробар мешавад ба 60 "соъ".

Пас 5 авсуқ 300 "соъ" аст. 300 "соъ" тақрибан 652,800 кг баробар аст.

Дар зироат гузаштани як сол шарт нест. Бинобар фармудаи Аллоҳ таъоло:

**﴿وَآتُوا حَقَّهُ يَوْمَ حَصَادِهِ﴾ [سورة الأنعام: من الآية١٤١]**

*"Ба ҳангоми расидан ва чидан ва дарав карданашон закоти онҳоро бидиҳед".*

Миқдори воҷибаш: ушр дода мешавад, ба шарте, ки бемашаққат мисли оби дарё ва борон обёрӣ карда бошад. Аммо дар замине, ки хароҷот карда обёрӣ карда бошад нисфи ушр медиҳад. Бинобар фармудаи Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:

**((فيما سقت السماء والأنهار والعيون أو كان عثرياً العشر، وفيما سُقي بالسواني أو النضح نصف العشر)) أخرجه البخاري.**

*"Закоти маҳсулоте, ки бо дарёҳо ва борон обёрӣ мешавад аз даҳ як ҳиссааш закот дода мешавад ва он чӣ бо шутур (ё мошин, олатҳои кишоварзӣ) обёрӣ мешавад аз бист як ҳиссааш закот дода мешавад".*

4. Молҳои тиҷортӣ

Он молест, ки мусалмон онро барои тиҷорат омода мекунад. Ҳар вақте ки ба нисоб расад ва як сол бигзарад, закот дар он воҷиб мешавад. Қимати он ба нисоби тилло ва нуқра баробар мешавад. Нисоби тилло 85гр ва нуқра 595гр мебошад. Қадри закоти он 2,5% мебошад. Фоидаи тиҷоратро, вақте ки аслаш ба нисоб расида бошад бо аслаш ҳамроҳ карда мешавад ва закоташро медиҳад ва интизор намешавад, ки аз нав як соли дигар бигзарад. Аммо агар асл ба нисоб нарасад, магар бо фоидаҳо. Пас аз ҳамон замон сар шуда то як сол нагузарад закот дода намешавад.

5. Закоти маъданҳо ва рикоз

А) Ҳар як чизе ки аз замин бароварда мешавад, маъдан гӯянд: мисли тилло, нуқра, оҳан, мис, ёқут ва нефт ва дигар чизҳо, закот додани онҳо воҷиб мешавад. Бинобар фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا أَنفِقُوا مِنْ طَيِّبَاتِ مَا كَسَبْتُمْ وَمِمَّا أَخْرَجْنَا لَكُمْ مِنَ الْأَرْضِ﴾ [سورة البقرة: من الآية٢٦٧]

*"Эй касоне, ки имон ба Ман овардед ва пайрави расулони Ман ҳастед! Аз покизаҳои он чи шумо ба даст овардаед аз он чи Мо аз замин бароятон рӯёндем, нафақа кунед"*

Ба қавли мазҳаби ҷумҳури аҳли илм закот додан аз онҳо воҷиб мешавад ҳар вақте ки ба нисобаш расад. Миқдори воҷибаш 2,5% аст, қиёс ба қадри воҷиби закоти тиллову нуқра. Барои он дар гузаштани як сол

шарт нест, балки воҷиб мешавад дар он закот додан, вақте ки онро соҳиб шуд.

Б) Аммо рикоз гуфта он ашёеро меноманд, ки дар замони ҷоҳилият дафн шуда ё аз дафншудаҳои куффор, ки бар баъзеаш аломати куфр монанди номҳояшон ё номҳои подшоҳояшон ё сурату салибҳояшон ё сурати бутҳояшон мебошад.

Аммо он дафншудаҳое, ки нишонаи мусалмонӣ доранд, монанди номи Паёмбар саллаллоҳу алайҳ ва саллам ё номи яке аз халифаҳои муслимин ё ояте аз Қуръони карим, пас ин дар ҳукми "луқта" аст. Ва агар бар он ҳеҷ нишонае набошад, мисли асбобҳои рӯзгор ё зару зевар, ин ҳам дар ҳукми "луқта" аст. Онҳоро соҳиб шуда наметавонад, магар баъд аз шиносоӣ кардан, зеро ки вай моли мусалмон аст.

Дар рикоз "хумс" воҷиб мешавад. Закоти он ба сурати фаврӣ воҷиб мегардад, бидуни он ки як сол бар он бигзарад ва ё нисоби муайяне дошта бошад. Боқии "рикоз" назди ҷамиъи аҳли илм барои ёбандааш гузошта мешавад. Бинобар кардаи Умар разияллоҳу анҳу, ки боқии "рикоз"ро барои ёбандааш бахшид.

Масорифи закот:

Закотро барои ҳашт синф мардум дода мешавад:

1. Фақирон: Ононе ки чизеро аз зиндагӣ намеёбанд, ё баъзе аз он чиз барояшон кифоя мекунад. Барои

кифояти зиндагиашон як соли пурра аз закот дода мешавад.

2. Мискинон: Ононе ки нисф ё аксари кифояти зиндагиашонро меёбанд. Онҳо аз ин лиҳоз аз фақирон дар некӯтарин ҳол ҳастанд. Барои онҳо ҳам тамоми кифояти зиндагиашонро як соли пурра аз закот дода мешавад.
3. Омилони закот: Ононе, ки закотро бо фармони имом ҷамъ мекунанд ва онро муҳофизат мекунанд ва ба мустаҳиққонаш адо менамоянд. Барои онҳо ба андозаи музди корашон аз закот дода мешавад.
4. Муаллафатул қулуб: Ононе, ки ҷалби муҳаббаташон барои ислом мешавад. Онҳо ба ду қисманд: Куффор ва мусалмонон.

Барои кофирон аз закот дода мешавад ба умеде, ки ба ислом муҳаббат пайдо кунанд, ё ба сабаби додани он зарарашонро аз мусалмонон боздошта шавад.

Барои мусалмонон  закот дода мешавад, аз барои тақвияти исломаш ё ба умеде, ки монанди худашро ба ислом моил кунонад.

5. Риқоб: Озод кардани бандагон. Он ғуломест, ки бо саййдидаш қарордод карда, ки дар баробари пардохти маблағе озод шавад, вале пурра ҳамонро вафо карда наметавонад, пас ин ғуломро ба он миқдоре аз закот дода мешавад, ки аз

ғуломӣ озод карда шавад. Баъзе аз аҳли илм иҷозат додаанд, ки аз моли закот ғуломеро харида онро озод намудан ҷоиз аст.

6. Қарздорон: Онҳо ду навъ мебошанд: Яке барои худ қарз гирифтааст, дигаре барои ғайри худ қарз гирифтааст.

Оне, ки барои худ қарз гирифтааст наметавонад онро пурра адо намояд, пас аз закот ба андозае, ки аз қарзаш соф мешавад, дода мешавад.

Оне ки барои ғайри худаш қарз гирифтааст; он барои ислоҳ намудани ду тараф аст. Пас аз закот барои вай дода мешавад ба андозае, ки ғайри худашро кумак диҳад ва агар чанде бой ҳам бошад.

7. Дар роҳи Аллоҳ. Мурод аз ин ҷиҳод аст. Пас аз моли закот барои муҷоҳидон дода мешавад.
8. Мусофир: Он касе аст, ки дар сафар дармондааст, чизе аз нафақа намеёбад, ки ба шаҳраш бирасад. Пас аз закот дода мешавад он миқдореро, ки ба ватанаш бозгардад.

Аллоҳ таъоло ин ҳашт синфро дар китобаш зикр намудааст:

﴿إِنَّمَا الصَّدَقَاتُ لِلْفُقَرَاءِ وَالْمَسَاكِينِ وَالْعَامِلِينَ عَلَيْهَا وَالْمُؤَلَّفَةِ قُلُوبُهُمْ وَفِي الرِّقَابِ وَالْغَارِمِينَ وَفِي سَبِيلِ اللَّهِ وَابْنِ السَّبِيلِ فَرِيضَةً مِنَ اللَّهِ وَاللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ﴾ [سورة التوبة:٦٠]

*Садақот (закоти фарзӣ) барои фақироне, ки чизеро аз мулк соҳиб нестанд ва барои мискиноне, ки дар зиндагӣ*

*эҳтиёҷманданд ва барои коргузорони ҷамъоварии закот аст. Ва низ барои онҳое ки дилҳояшон моил карда мешавад ба ислом*[17] *ва барои озод кардани бандагон (ғуломон)-у қарздорон ва харҷ дар роҳи Аллоҳ (яъне, ҷиҳод) ва мусофирони мӯҳтоҷ ва он ҳукм фаризаест аз ҷониби Аллоҳ. Ва Аллоҳ ба маслиҳати бандагонаш доно ва дар таъин кардани фаризаи закот ҳаким аст!*

## Закоти фитр

А) Ҳикмат аз машруияти он:

Дар шариат закоти фитр барои пок кунандаи рӯзадор аз суханони беҳуда ва дашном ва ба унвони ризқ ва хӯрокӣ барои мискинон ва онҳоро дар рӯзи ид аз суол кардан бе ниёз кардан. Бинобар ҳадиси Абдуллоҳ ибни Аббос разияллоҳу анҳумо:

((فرض رسول الله ﷺ زكاة الفطر طهرة للصائم من اللغو والرفث وطعمة للمساكين) رواه أبو داود وابن ماجه.

*"Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам закоти фитро ба унвони поккунандаи рӯзадор аз суханони беҳуда ва дашном ва ба унвони ризқ ва хӯрокӣ барои мискинон воҷиб кардааст".*

Б) Ҳукми он:

---

[17] *Аз сабаби заъиф будани имонашон*

Ҳукми он воҷиб аст бар ҳар мард ва зани мусалмон, калонсол ва хурдсол, озод ва банда. Бинобар ҳадиси Абдуллоҳ ибни Умар разияллоҳу анҳумо, ки гуфт:

((فرض رسول الله ﷺ زكاة الفطر من رمضان صاعاً من تمر أو صاعاً من شعير على العبد والحرّ، والذكر والأنثى، والصغير والكبير من المسلمين، وأمر بها أن تؤدى قبل خروج الناس إلى الصلاة)) متفق عليه.

*"Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам закоти фитрро, ки як "соъ" хурмо ё ҷав аст бар ҳар мусалмон ғулом, озод, мард, зан, хурдсол ва калонсол воҷиб кард ва дастур дод, ки пеш аз баромадани мардум ба намози ид пардохт шавад".*

Бар кудаке, ки дар батни модараш аст, аз ҷониби вай ҳам закоти фитр додан мустаҳаб аст.

Закоти фитр бар ҳар мусалмони озоде, ки беш аз қути як шабонарӯзи худ ва хонаводааш дошта бошад, воҷиб аст. Ва бар шахсе воҷиб аст, ки закоти фитри худ ва касонеро, ки нафақаи онҳо бар ӯҳдаи ӯст, монанди ҳамсар, фарзандон ва хидматгораш – агар мусалмон бошад- бипардозад.

Миқдори садақаи фитр:

Миқдори воҷиб барои ҳар нафар як "соъ" хурмо ё мавиз ё ҷав ё гандум ё соири он чизҳое, ки таъоми онҷо мебошанд, монанди биринҷ ва ғайра. Як "соъ" тақрибан баробар мешавад ба 2,176 кг.

Ҷумҳури аҳли илм додани қимат ба ҷои ҷинсро ҷоиз надонистаанд. Зеро ки ин хилофи фармудаи

Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва мухолифи амали саҳобагони киром разияллоҳу анҳум аст.

Вақти адо намудани садақаи фитр

Дар ду вақт адо намудан: яке ҷоиз аст пеш аз ид як рӯз ё ду рӯз ва дигаре вақти бузург аз дамидани субҳи рӯзи ид то пеш аз адо намудани намози ид. Бинобар фармудаи Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам пеш аз баромадани мардум ба намоз. Таъхир кардани он аз намози ид ҷоиз нест, пас агар онро таъхир намояд, аз ҷумлаи садақот ба ҳисоб меравад ва ба сабаби таъхир карданаш гунаҳкор мешавад.

**Барои ки садақаи фитрро дода мешавад?**

Садақаи фиттро барои фақирон ва мискинон, зеро ки онҳо аз дигарон сазовортаранд.

## Рукни чорум: Рӯзаи моҳи рамазон

Таърифи он:

Рӯза дар луғат маънояш; боздоштан аст.

Дар шариат боздоштани нафси худ аз хӯрдан ва нӯшидан ва ва ҷимоъ кардан аст.

Ҳукмаш:

Рӯзаи моҳи рамазон яке аз рукнҳои ислом ва бинои бузурги он аст. бинобар фармудаи Аллоҳ таъоло:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا كُتِبَ عَلَيْكُمُ الصِّيَامُ كَمَا كُتِبَ عَلَى الَّذِينَ مِنْ قَبْلِكُمْ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ﴾ [سورة البقرة، الآية:١٨٣]،

*“. Эй касоне, имон овардаед, рӯза доштан бар шумо фарз шуд, ҳамчунон ки бар касони пеш аз шумо буда, фарз шуда буд. Бояд ки аз Парвардигоратон битарсед, ва байни худатон ва гуноҳоятон қалъае аз тоъату ибодати Ӯ қарор диҳед.”*

Ва бинобар далеле ки аз Абдуллоҳ ибни Умарразияллоҳу анҳумо ривоят шудааст. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд:

“Ислом аз панҷ рукн бино шудааст: Гувоҳӣ додан нест маъбуди бар ҳақ ба ҷуз Аллоҳ ва Муҳаммад фиристодаи Аллоҳ аст, барпо доштани намоз, адо намудани закот, ҳаҷҷи хонаи Аллоҳ кардан ва рӯзаи моҳи рамазонро доштан”.

Иҷмоъи уммат бар ин аст, ки рӯзаи моҳи рамазон фарз ва яке аз аркони ислом ва заруриёти дин аст. ва касе ки фарзияти онро инкор кунад, кофир ва муртад аст.

Соли дуюми ҳиҷрӣ рӯзаи моҳи рамазон бар уммати ислом фарз шуд.

**Бузургии моҳи рамазон ва ҳикмат аз фарзияти он**

Моҳи рамазон мавсими бузруге аст барои тоати Аллоҳро ба ҷо овардан ва ҳар киро ба ин моҳ расиданаш неъмати бузург ва фазлест аз ҷониби Аллоҳи карим. Касеро аз бандагонаш хоҳад ба ин моҳ мушаррафаш месозад, то ҳасаноти зиёд ва дараҷаҳои баланд ва кафорати гуноҳон барояш насиб гардад. Ин моҳест, ки алоқаи бандагон бо Холиқашон қавӣ мегардад ва аҷру савоб барояшон навишта мешавад ва ризогиашро дармеёбанд ва дилҳояшон аз тарсу тақво пур мешавад.

Он чӣ ворид шудааст дар фазилати моҳи рамазон:

1. Гуфтаи Аллоҳ таъоло:

(شَهْرُ رَمَضَانَ الَّذِي أُنْزِلَ فِيهِ الْقُرْآنُ هُدىً لِلنَّاسِ وَبَيِّنَاتٍ مِنَ الْهُدَى وَالْفُرْقَانِ فَمَنْ شَهِدَ مِنْكُمُ الشَّهْرَ فَلْيَصُمْهُ وَمَنْ كَانَ مَرِيضاً أَوْ عَلَى سَفَرٍ فَعِدَّةٌ مِنْ أَيَّامٍ أُخَرَ يُرِيدُ اللَّهُ بِكُمُ الْيُسْرَ وَلا يُرِيدُ بِكُمُ الْعُسْرَ وَلِتُكْمِلُوا الْعِدَّةَ وَلِتُكَبِّرُوا اللَّهَ عَلَى مَا هَدَاكُمْ وَلَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ) [سورة البقرة، الآية:١٨٥]

*“Моҳи Рамазон он аст, ки дар вай Қуръон ҳамчун раҳнамо барои мардум ва суханони равшан аз ҳидоят ва ҷудокунандаи ҳаққу ботил фуруд оварда шуд. Пас ҳар кас, ки аз шумо ин моҳро дарёбад, бояд ки дар рӯзҳои он моҳ рӯза бидорад. Ва ҳар кас, ки бемор ё дар сафар бошад, барои ӯ рухсат аст рӯза надорад, баъд аз он барои вай ба шумораи он чи фавт шуд, аз рӯзҳои дигар рӯза доштанаш лозим аст. Аллоҳ дар шариъати худ барои шумо осониро мехоҳад ва ба*

*шумо душворӣ ва машаққатро намехоҳад ва мехоҳад, ки иддаро[18] комил созед. Ва дар иди Рамазон пас аз адои рӯза Аллоҳро бо такбир ёд кунед ва бар ҳидоятёфтанатон Ӯро бузург доред ва бар тавфиқе, ки ба шумо арзонӣ намудааст, шукргузор бошед.”*

2. Аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд:

"من صام رمضان إيماناً واحتساباً غفر له ما تقدم من ذنبه" متفق عليه.

“Касе, ки аз рӯи имон ва умед (ба касб кардани аҷру подоши моҳи рамазон) рӯза бигирад гуноҳони (сағираи) гузаштаи ӯ бахшида мешавад”.

Ва низ аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд:

"... يضاعف الحسنة عشر أمثالها إلى سبعمائة ضعف، قال الله عزّ وجلّ: إلا الصوم، فإنه لي وأجزي به، يدع شهوته وطعامه من أجلي، للصائم فرحتان، فرحة عند فطره وفرحة عند لقاء ربه، ولخلوف فيه أطيب عند الله من ريح المسك" رواه البخاري ومسلم واللفظ له.

*“...Корҳи нек аз даҳ то ҳафсад дараҷа зиёд мешаванд, Аллоҳ таъоло гуфтааст; магар рӯза, зеро ки рӯза аз барои Ман аст, Ман подоши вайро медиҳам, чунки шаҳват ва таъомашро аз барои ман мегузорад. Барои рӯзадор ду хурсандӣ аст: яке вақти ифтор кардани ӯ дигаре вақти*

---

[18] *Шумораи моҳи рамазон*

*мулоқоти ӯ бо Парвардигораш. Бӯи даҳони рӯзадор дар назди Аллоҳ аз бӯи мушк ҳам хушбӯйтар аст".*

Дуои рӯзадор мустаҷоб аст. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд:

"للصائم عند فطره دعوة لا ترد" رواه ابن ماجه.

*"Барои рӯзадор назди ифтор карданаш қабулияти дуо аст, ки рад нест".*

Аз ҳамин сабаб барои рӯзадор сазовор аст, ки вақти ифторашро ғанимат дониста бо дуо машғул шавад, шояд ки ҳамон соати иҷобати дуоро мувофиқат намуда саодатмандии дунёву охират барояш насиб гардад.

Аллоҳ таъоло барои рӯзадорон дареро аз дарҳои ҷаннат махсуси онҳо кардааст, ки аз он дохил намешавад, магар рӯзадорон. Ин барояшон ҳамчун икром аз ҷониби Парвардигорашон ва аз дигарон дида онҳоро баргузидааст.

Аз Саҳл ибни Саъд разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд:

"إن في الجنة باباً يقال له "الريان" فإذا كان يوم القيامة قيل: أين الصائمون، فإذا دخلوا أغلق عليهم فلم يدخل منه أحد" متفق عليه.

*"Дар ҷаннат даре аст бо номи "Райён", ҳар вақте ки рӯзи қиёмат шуд, гуфта мешавад: Рӯзадорон дар куҷоанд? Пас вақте ки дохил шуданд, дар баста мешавад, пас касе дигар аз он дар дохил намешавад".*

Рӯза соҳиби худро рӯзи қиёмат шафоат мекунад. Аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд:

"الصيام والقرآن يشفعان للعبد يوم القيامة، يقول الصيام أي رب منعته من الطعام والشهوة فشفعني فيه، ويقول القرآن: منعته النوم بالليل فشفعني فيه، قال: فيشفعان" رواه أحمد.

*"Рӯза ва Қуръон дар рӯзи қиёмат барои банда шафоат медиҳанд. Рӯза мегӯяд: Эй Парвардигор, ман ӯро аз таом ва шаҳват манъ намудам, пас маро иҷозат фармо, то ӯро шафоат кунам. Ва Қуръон мегӯяд: Аз хоб рафтани дар шаб ӯро манъ кардам, пас маро иҷозат фармо, то ӯро шафоат кунам. Пас барои шафоат иҷозат дода мешаванд".*

Рӯза мусалмонро бар сабру таҳаммулпазирӣ одат мекунонад. Ин ҳамон аст, ки рӯза ӯро бар тарк намудани дӯстдоштаҳо ва шаҳватҳояш мебарад. Ва дар кашидани лиҷоми нафс машаққати азимест.

**Шарт ва воҷиботи рӯза**

Иҷмоъи уламо бар он қароранд, ки рӯза воҷиб мешавад бар мусалмони болиғ, оқил, саҳеҳ, муқим ва воҷиб мешавад бар за зан вақте ки ҳайзу нифоз пок шавад.

Одоби рӯза

А) Рӯзадор аз ғайбат ва хабаркашӣ ва дигар амалҳое, ки Аллоҳ онҳоро ҳаром гардондааст дур бошад. Бар мусалмон зарур аст, ки бояд забонашро аз ҳаромшудаҳо боздорад ва инчунин аз дучор шудан дар поймол кардани обрӯи дигарон муҳофизат намояд. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд:

"من لم يدع قول الزور والعمل به فليس لله حاجة في أن يدع طعامه وشرابه" رواه البخاري.

*"Касе, ки аз гуфтори ботил ва амал кардан ба он даст барнадорад, Аллоҳ ҳеҷ ниёзе ба худдории ӯ аз хӯрдан ва ошомидан надорад".*

Б) Аз таоми саҳарӣ бе насиб нашудан, зеро ки вай рӯзадорро бар рӯзадоштанаш мадад мерасонад ва рӯзи ӯ бо роҳат мегузарад ва амалашро бо осонӣ адо менамояд. Дар ин бора Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам умматро тарғиб намуда мефармоянд:

"السحور أكله بركة، فلا تدعوه، ولو أن يجرع أحدكم جرعة من ماء فإن الله عزّ وجلّ وملائكته يصلون على المتسحرين" رواه أحمد.

*"Хӯрдани саҳарӣ барака дорад, пас аз он худро бенасиб накунед ва агар чанде бошад ҳам як ҷуръа аз об бинӯшад, зеро ки Аллоҳ таъоло ва фариштагонаш бар саҳарӣ кунандагон салавот мефиристанд".*

В) Ба ифтор кардан шитоб кардан баъд аз фурӯ рафтани офтоб. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд:

"لا يزال الناس بخير ما عجلوا الفطر" متفق عليه.

*“То замоне, ки  мардум дар ифтор шитоб кунанд дар хайру хубианд”.*

Г) Ибтидои ифтори рӯзадор аз хурмои рутаб ё хурмои хушк бошад, зеро ки ин аз рӯи суннат аст. Чуноне ки дар ҳадиси зер омадааст.

كان رسول الله ﷺ يفطر قبل أن يصلي على رطبات، فإن لم تكن رطبات فتمرات، فإن لم تكن حسا حسوات من ماء" رواه أبو داود.

Аз Анас разияллоҳу ривоят аст, ки *“Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам пеш аз он ки намози мағрибро бихонад бо чанд хурмои рутаб ифтор мекард ва агар хурмои рутаб набуд, чанд хурмои хушк ва агар хурмои хушк набуд, чанд ҷуръа об менӯшид”.*

Е) Бисёр ба тиловати Қуръон ва зикри Аллоҳ ва садақа ва хайру эҳсон ва бисёр нофилаҳо ва дигар аз амалҳои шоиста машғул шудан. Аз Абдуллоҳ ибни Аббос разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки:

كان رسول الله ﷺ أجود النّاس بالخير، وكان أجود ما يكون في رمضان حين يلقاه جبريل، وكان جبريل يلقاه في كل ليلة من رمضان، فيدارسه القرآن، فلرسول الله ﷺ حين يلقاه جبريل أجود بالخير من الريح المرسلة" رواه البخاري ومسلم.

*"Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салам саховатмандтарини мардум аз ҷиҳати хайр буд ва дар моҳи рамазон вақте ки Ҷибараил ӯро мулоқот мекард бештар саховатманд мешуд. Ва Ҷабраил ҳар шаб дар моҳи рамазон то поёни моҳ бо ӯ вомехӯрд ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам Қуръонро бар ӯ мехонд. Ва вақте ки Ҷибраил бо ӯ вомехӯрд ӯ барои бахшиши хайр аз тундбод тезтар мешуд".*

**Муфсидоти рӯза**

Қасдан хӯрдану нӯшидан дар миёни рӯз. Ва инчунин тамоми муфтирот, монанди сӯзани ғизодиҳанда ё донаҳои доруро аз даҳон фурӯ бурдан. Ин дар ҳукми таом ва шароб дохил мешавад. Аммо хун гирифтани кам барои таҳлил кардани касалӣ бар рӯза зиён надорад.

Ҷимоъ кардан дар рӯзи рамазон, рӯзаро фосид мекунад. Бояд тавба кунад аз барои ноҳурматии моҳи рамазон ва он рӯзро қазо дорад ва низ кафорат бар вай воҷиб мешавад. Кафорати он: Як ғулом озод кардан, пас агар наёбад ду моҳ пай дар пай рӯза доштан ва гар натавонад шаст мискинро таъом диҳад. Бар ҳар мискин ба андозаи нисфи "соъ" аз гандум ё дар чизе одатан ки таоми аҳли ватан аст. Бинобар ҳадиси Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу, ки гуфт:

بينما نحن جلوس عند النبي ﷺ إذ جاءه رجل، فقال: يا رسول الله هلكت، قال ما لك؟ قال: وقعت على امرأتي وأنا صائم، فقال رسول الله ﷺ: هل تجد رقبة تعتقها؟ قال:

لا. قال فهل تستطيع أن تصوم شهرين متتابعين؟ قال: لا. قال: فهل تجد إطعام ستين مسكيناً؟ قال: لا. قال: فمكث عند النبي ﷺ، فبينما نحن على ذلك أُتيَ النبي ﷺ بعَرَق فيه تمر –والعَرَق المكتل-، قال: أين السائل؟ فقال: أنا، قال: خذ هذا فتصدق به، فقال الرجل: على أفقر مني يا رسول الله، فوالله ما بين لابتيها –يريد الحرتين- أهل بيت أفقر من أهل بيتي، فضحك النبي ﷺ حتى بدت أنيابه، ثم قال: أطعمه أهلك" رواه البخاري ومسلم.

*"Дар ҳоле ки назди Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам нишаста будем, марде омад ва гуфт: Эй Расули Аллоҳ ҳалок шудам. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: Чӣ шуд? Гуфт: Дар ҳоли рӯза бо ҳамсарам омезиш кардам. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: Оё метавонӣ ғуломеро озод кунӣ? Гуфт: Не! Фармуданд: Оё метавонӣ ду моҳ пайи дар пай рӯза бидорӣ? Гуфт: Не! Фармуданд: Оё метавонӣ шаст мискинро таом бидиҳӣ? Гуфт: Не! Абӯҳурайра гуфт: Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам андаке истода буданд, ки сабади калоне аз хурморо барои Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам оварданд. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: уолкунанда куҷо аст? Он мард гуфт ман ҳастам. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: Инро бигир ва (ба ҷои кафорати рӯзаат) садақа деҳ! Он мард гуфт: ба фақиртар аз худам бидиҳам эй Расули Аллоҳ? Ба Аллоҳ қасам дар тамоми Мадина хонаводие фақиртар аз хонаводии ман вуҷуд надорад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам хандиданд ба гунае, ки дандонҳои пеши даҳонашон намоён шуд. Сипас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: (бо он) хонаводаатро таом бидеҳ".*

Инзоли манӣ бинобар бӯсидан ё мубошират кардан ё истимно кардан ё ба такрор нигаристан. Пас вақте, ки ба сабабе аз ҳамин сабабҳо рӯзадор инзоли манӣ шавад рӯзааш вайрон мешавад ва бар ӯ қазои рӯза лозим мешавад ва боқии онрӯзаро медорад ва кафорат бар ӯ лозим намешавад ва бар ӯ тавба, надомат, истиғфор  ва дур шудан аз ҳар асбобе, ки шаҳваташро бармеангезад, лозим меояд.  Аммо агар рӯзадор хоб бошад, пас эҳтиломӣ шуд, рӯзааш вайрон намешавад, вале ғусл кардан бар вай воҷиб мешавад.

Қасдан қайъ кардан бо ихроҷ кардани он чӣ дар меъда аст аз тариқи даҳон. Аммо агар беихтиёри худ аз даҳон қайъ кард рӯзааш вайрон намешавад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд:

"من ذرعه القيء فليس عليه قضاء، ومن استقاء عمداً فليقض" رواه أبو داود والترمذي.

*"Агар касе худ ба худ қай кард рӯзааш ботил нашуда ва қазо бар ӯ лозим нест, вале агар қасдан қай кунад рӯзааш ботил мешавад ва бояд онро қазо дорад".*

Баромадани хуни ҳайз ё нифос баробар аст дар аввали рӯз ё охири рӯз бароянд, агар чанде камтар пеш аз ғуруби офтоб бошад.

Барои рӯзадор беҳтар  он аст, ҳиҷомат накунад, то ин сабаби вайронии рӯзааш нашавад. Ва беҳтар он аст, ки рӯзадор хунашро истихроҷ накунад, магар дар ҳолати зарурӣ барои касале, ки эҳтиёҷ ба хун дорад.

Аммо хуни бинӣ шудан ё сулфа кардан ё ҷароҳатдор шудан ё дандон кандан ва монанди инҳо бар рӯзааш зарар намерасонад.

Аҳкоми ом:

Рӯзаи моҳи рамазон бо дидани моҳи ҳилол воҷиб мешавад.

﴿فَمَنْ شَهِدَ مِنْكُمُ الشَّهْرَ فَلْيَصُمْهُ﴾ [سورة البقرة: من الآية١٨٥]

*"Пас ҳар кас, ки аз шумо ин моҳро дарёбад, бояд ки дар рӯзҳои он моҳ рӯза бидорад."*

Барои исботи моҳи ҳилол гувоҳии як мусалмони одил кифоя мекунад. Бинобар ҳадиси Абдуллоҳ ибни Умар:

روى ابن عمر رضي الله عنهما قال: تراءى النّاس الهلال فأخبرت رسول الله ﷺ أني رأيته فصام وأمر النّاس بصيامه، رواه أبو داود والدارمي وغيرهما.

*"Мардум барои дидани ҳилол ба осмон нигоҳ мекарданд, ман ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам хабар додам, ки ҳилоли моҳро дидам, пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам рӯза гирифтанд ва ба мардум амр карданд, ки рӯза бигиранд".*

Ҳукми рӯзаро дар ҳар давлат танҳо валии амр . муқаррар мекунад. Пас агар ба рӯза гирифтан ё нагирифтан ҳукм намояд, тоати ӯ воҷиб мешавад. Пас агар валии амр мусалмон набошад ба ҳукми маҷлиси маркази исломӣ амал карда мешавад. Дар дидани ҳилол бо ёрии олатҳои расад ҷоиз мебошад. Аммо такя кардан ба ҳисоботи илми фалакӣ ва дидани

ситораҳо дар исбот кардани саршавии моҳи рамазон ё иди рамазон ҷоиз нест. Танҳо эътимод бар дидани ҳилол аст. Чуноне ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

: ﴿فَمَنْ شَهِدَ مِنْكُمُ الشَّهْرَ فَلْيَصُمْهُ﴾ [سورة البقرة: من الآية١٨٥]،

*"Пас ҳар кас, ки аз шумо ин моҳро дарёбад, бояд ки дар рӯзҳои он моҳ рӯза бидорад."*

Касе, ки аз мукаллифин моҳи рамазонро дарёфт рӯза гирифтан бар вай воҷиб мешавад, баробар аст хоҳ рӯзҳо дароз шаванд ё кӯтоҳ. Эътибор дода мешавад сар шудани моҳи рамазон дар ҳар кишвар ба диднаи ҳилол бинобар роҷеҳтарин қавли аҳли илм. Уламо иттифоқ бар онанд, ки падидор шудани ҳилол гуногун аст. Бинобар фармудаи қавли Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:

"صوموا لرؤيته وافطروا لرؤيته فإن غُمَّ عليكم فأكملوا شعبان ثلاثين يوماً" أخرجه البخاري ومسلم.

*"Бо дидани ҳилоли рамазон рӯза бигиред ва бо дидани моҳи шаввол ид кунед ва агар абр монеи дидани ҳилол шуд сӣ рӯз шаъбонро комил кунед".*

Бар рӯзадор воҷиб мешавад, ки аз шаб ният кунад. Бинобар фармудаи Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:

"إنما الأعمال بالنيّات، وإنما لكل امرئ ما نوى" متفق عليه.

“Ба дурустӣ (ҳамаи) амалҳо ба ният вобастаанд, ва ба дурустӣ мукофот ва муҷозоти ҳар кас тибқи нияташ аст”.

Ва қавли Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:

"من لم يجمع الصيام قبل الفجر فلا صيام له" أخرجه أحمد وأبو داود والترمذي والنسائي من حديث حفصة رضي الله عنها.

*“Касе ки пеш аз субҳ ният накард, рӯзааш маҳсуб намешавад”.*

Ҳалол намешавад барои ҳеҷ кас дар миёни рамазон рӯзаро тарк намуда ифтор кунад, магар ин ки маъзур бошад, мисли бемор, мусофир ва зане, ки дар ҳолати ҳайз ва нифос аст, ё ҳомиладор, ё ширдеҳ аст. Бинобар фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿فَمَنْ كَانَ مِنْكُمْ مَرِيضاً أَوْ عَلَى سَفَرٍ فَعِدَّةٌ مِنْ أَيَّامٍ أُخَر﴾ [سورة البقرة: من الآية١٨٤]،

*“Ҳар кас, ки аз шумо бемор ё дар сафар бошад ва рузадорӣ ба ӯ вазнинӣ кунад, пас рузаашро бихӯрад ба ҳамон ададе, ки рӯзаашро хӯрд аз рӯзҳои дигар рӯза бидорад.”*

Касале, ки бар ӯ рӯза доштан машаққат ва душворӣ меорад ва аз рӯза зарар мебинад барои ӯ ифтор кардан ҷоиз мешавад баъд аз он ба шумораи рӯзаҳои фавтида қазо медорад.

Зани ҳомила ва ширдеҳ

Агар занони ҳомила ва ширдеҳ тавоноии рӯза гирифтанро надоранд ва бар нафси хеш хавф мебаранд ба қавли иҷмоъи уламо ифтор мекунанд баъд аз он қазо медоранд. Зеро ки ҳолашон ба манзалаи касале, ки бар нафси хеш метарсад.

Аммо бар нафси худашон ва кудаконашон ва ё фақат аз осеб дидани кудаконаш бим дошта бошанд, метавонанд рӯза нагиранд ва бар онҳо қазои рӯза лозим мешавад. Бинобар ҳадиси Анас разияллоҳу анҳу, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд:

"إن الله وضع عن المسافر نصف الصلاة والصوم، وعن الحبلى والمرضع" رواه النسائي وابن خزيمة وهو حديث حسن.

*"Аллоҳ таъоло аз мусофир нисфи намозашро қаср кардааст ва барои мусофир, ҳомиладорон ва ширдеҳҳо дар рамазон ифторро рухсат додааст".*

Аммо мӯйсафеди куҳансол ва кампирон, ононе, ки рӯзадорӣ бароящон машаққати сахт меорад, ифтор карданро дар моҳи рамазон рухсат додааст. Вале бар онҳо лозим меояд, ки аз ҳар рӯз мискинеро таом диҳанд. Имом Бухорӣ аз Атоа ривоят кард, ки ӯ аз ибни Аббос разияллоҳу анҳумо ривоят кардааст, ки ин оятро тиловат мекард:

"﴿وَعَلَى الَّذِينَ يُطِيقُونَهُ فِدْيَةٌ طَعَامُ مِسْكِينٍ﴾

*“Абдуллоҳ ибни Аббос гуфт, ки ин оят ҳукмаш мансух нашудааст, балки барои мӯйсафедон ва занони куҳансоле, ки тавони рӯзадорӣ надоранд дар  ҷои он  ҳар рӯз мискинеро таом медиҳанд”.*

Дар рамазон барои мусофир ифтор кардан аз узрҳои мубоҳ ба шумор меравад. Бинобар ҳадиси Анас разияллоҳу анҳу:

كنا نسافر مع النبي ﷺ، فلم يعب الصائم على المفطر ولا المفطر على الصائم" متفق عليه.

*“Дар сафар ҳамроҳи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам будем, ҳеҷ касе аз рӯзадорон бар ифторкунандагон ва на ифторкунандагон бар рӯзадорон айбе накард”.*

**Рукни панҷум: Ҳаҷ**

Таърифи ҳаҷ:

Ҳаҷ дар луғат ба маънои қасд аст.

Дар шариат ба маънои қасд кардан ба сӯи Макка барои адо намудани қоидаҳое, ки ба сифати махсус дар вақти махсус ва ба шартҳои махсус, ба ҳисоб меравад.

Ҳукми он:

Иҷмоъи уммат яқин медонанд, ки ҳаҷ кардан бар шахси тавоно як бор дар умраш фарз аст. зеро ки ҳаҷ яке аз арконҳои панҷгонае, ки бинои ислом бар он таъсис ёфтааст.. чуноне ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَلِلَّهِ عَلَى النَّاسِ حِجُّ الْبَيْتِ مَنِ اسْتَطَاعَ إِلَيْهِ سَبِيلاً وَمَنْ كَفَرَ فَإِنَّ اللَّهَ غَنِيٌّ عَنِ الْعَالَمِينَ﴾ [آل عمران: من الآية٩٧]

""

Ва бинобар далеле ки аз Абдуллоҳ ибни Умарразияллоҳу анҳумо ривоят шудааст. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд:

"بني الإسلام على خمس، شهادة أن لا إله إلا الله وأن محمداً رسول الله وإقام الصلاة وإيتاء الزكاة، وصوم رمضان وحج بيت الله" متفق عليه.

“Ислом аз панҷ рукн бино шудааст: Гувоҳӣ додан нест маъбуди бар ҳақ ба ҷуз Аллоҳ  ва Муҳаммад фиристодаи Аллоҳ аст, барпо доштани намоз, адо намудани закот, ҳаҷҷи хонаи Аллоҳ кардан ва рӯзаи моҳи рамазонро доштан”.

Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳаҷҷатул ва доъ гуфтанд:

"يا أيها الناس إن الله فرض عليكم حج البيت فحجوا" رواه مسلم.

“Эй мардум Аллоҳ таъоло бар шумо ҳаҷ кардани хонаро фарз кард, пас ҳаҷ бикунед”.

Фазилати ҳаҷ ва ҳикмат аз фарзияти он:

Дар бораи фазилати ҳаҷ далелҳои бисёре омадааст. Яке аз он, фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿وَأَذِّنْ فِي النَّاسِ بِالْحَجِّ يَأْتُوكَ رِجَالاً وَعَلَى كُلِّ ضَامِرٍ يَأْتِينَ مِنْ كُلِّ فَجٍّ عَمِيقٍ لِيَشْهَدُوا مَنَافِعَ لَهُمْ وَيَذْكُرُوا اسْمَ اللَّهِ فِي أَيَّامٍ مَعْلُومَاتٍ عَلَى مَا رَزَقَهُمْ مِنْ بَهِيمَةِ الْأَنْعَامِ﴾ [سورة الحج، الآيتان ٢٧،٢٨].

""

Ҳаҷ барои мусалмонон шомили манфиатҳои дунявӣ ва ухравӣ мебошад. Дар ҳаҷ ибодатҳои гуногун ҷамъ меоянд, мисли тавоф дар Каъба, саъй байни Сафо ва Марва, истодан дар Арафа, Мино, Муздалифа ва рамйи ҷимор ва хоб кардан дар Мино ва қурбонӣ кардан ва мӯи сар тарошидан ва бисёр зикр кардан ба қасди наздик шудан ба сӯи Аллоҳ таъоло ва паст кардани худро барояш бо тоат ва тавба кардан ба сӯяш. Аз ҳамин сабаб ҳаҷ аз бузургтарин сабабҳои кафорати гуноҳон ва дохил шудани ба ҷаннат аст.

Аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Аз Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам шунидам, ки фармуданд:

من حج هذا البيت فلم يرفث ولم يفسق رجع من ذنوبه كيوم ولدته أمه" رواه البخاري ومسلم.

“Касе ин хонаро барои ризои Аллоҳ ҳаҷ кунад (ва ҳангоми иҳром) аз омезиш ва умури шаҳвонӣ бо ҳамсараш парҳез намояд ва маъсият накунад, замоне, ки аз ҳаҷ боз мегардад монанди рӯзе аст, ки модараш ӯро зоидааст”.

Ва низ дигар ҳадисе аз ӯ ривоят шудааст, ки Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам шунидам, ки фармуданд:

"العمرة إلى العمرة كفارة لما بينهما والحج المبرور ليس له جزاء إلا الجنة" رواه البخاري ومسلم.

“Умра то умра кафораи гуноҳон байни он ду аст ва ҳаҷҷи мақбул (ки дар он гуноҳ набошад) ҷуз биҳишт подоше надорад”.

Ва низ дигар ҳадисе аз ӯ ривоят шудааст, ки аз Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам пурсида шуд, ки кадоми амалҳо бузргтаранд? Фармуданд:

قال: "إيمان بالله ورسوله. قيل: ثم ماذا؟ قال: جهاد في سبيل الله. قيل: ثم ماذا؟ قال حج مبرور" متفق عليه.

“Имон овардан ба Аллоҳ таъоло ва расулаш”. Гуфта шуд, баъд аз он чӣ? Фармуданд: “Ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ”. Гуфта шуд, баъд аз он чӣ? Фармуданд: “ҳаҷҷи мақбул”.

Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд:

تابعوا بين الحج والعمرة فإنهما ينفيان الفقر والذنوب كما ينفي الكير خبث الحديد والذهب والفضة، وليس للحجة المبرورة ثواب إلا الجنة" رواه الترمذي وقال حديث حسن صحيح.

“Пай дар пай ҳаҷ ва умра кунед, зеро он ду гуноҳон ва фақириро аз байн мебаранд, ҳамон тавре, ки дами оҳангари нохолисе ва зоидаи оҳан ва тилло ва нуқраро мезудояд ва ҳаҷҷи мақбул подоше ҷу биҳишт надорад”.

Яке аз фоидаҳои ҳаҷ, вохӯрӣ кардани мусалмонон аз ҳар гӯшаву канорҳои дур дар маҳбубтарин макон ба сӯи Аллоҳ ва бо ҳамдигар шинос шудан ва як дигарро ба некӯӣ ва тақво ёрдам додан ва баробар буданашон дар гуфтор, азкор ва кирдор ва яке аз фоидаҳои ононро бар ваҳдат тарбия медиҳад ва бар як ақида, ибодат, ҳадаф ва васила ҷамъ меоварад ва ба сабаби гирдиҳамоиашон шиносоӣ ва ҳамназдкӣ пайдо мекунанд ва пурсу ҷӯӣ кардани баъзеашон аз баъзеи дигар аст. бинобар фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿يَا أَيُّهَا النَّاسُ إِنَّا خَلَقْنَاكُمْ مِنْ ذَكَرٍ وَأُنْثَى وَجَعَلْنَاكُمْ شُعُوباً وَقَبَائِلَ لِتَعَارَفُوا إِنَّ أَكْرَمَكُمْ عِنْدَ اللَّهِ أَتْقَاكُمْ إِنَّ اللَّهَ عَلِيمٌ خَبِيرٌ﴾ [سورة الحجرات، الآية١٣]

Шартҳо ва воҷиботи ҳаҷ

А) Дар вуҷубияти шартҳои ҳаҷ байни аҳли илм ҳеҷ хилофе нест ва аз панҷ шарт иборат аст: Ислом, ақл, балоғат, озод, ва тавоноӣ.

Аммо бар занҳо бошад, илова бар ин шартҳои мазкур низ шарти дигаре ҳам воҷиб мешавад ва он; бе маҳрам сафари ҳаҷ накардан. Бинобар ҳадисе, ки Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят кардааст, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд:

"لا يحل لامرأة تؤمن بالله واليوم الآخر تسافر مسيرة يوم إلا ومعها ذو محرم" متفق عليه.

“Ҳалол намешавад барои зане, ки имон ба Аллоҳ ва рӯзи қиёмат дорад, ба масофае, ки як рӯза роҳ аст, танҳо ба сафар барояд, магар бо ӯ соҳиби маҳрам бошад”.

Фуқаҳо ин шартҳоро ба се қисм тақсим кардаанд:

1. Ислом ва ақл, шарти воҷиб ва сиҳатии ҳаҷ аст. Аммо бар кофир ва девона ҳаҷ воҷиб ва саҳеҳ намешавад, зеро ки онҳо аз аҳли ибодат ба ҳисоб намераванд.
2. Балоғат ва озод. Аммо барои кӯдак ва ғулом ҳаҷашон саҳеҳ нест ва ҳуҷҷати ислом барояшон кифоя намекунад.
3. Иститоат (тавоноӣ). Агар шахсе, ки иститоат надошт вале ба машаққат ва бе тӯша ва бе савора ҳаҷ кард, ҳаҷаш саҳеҳ аст.

Б) Ҳукми касе, ки дар ҷои дигаре ҳаҷ мекунад:

Байни  аҳли илм ҳеҷ хилофе вуҷуд надорад, касе, ки пеш аз имконият ёфтан ба ҳаҷ рафтан, бимирад фарзият аз ӯ соқит аст. Аммо касе, ки баъд аз имконият ёфтанаш ба ҳаҷ, бимирад оё аз ӯ ҳаҷ соқит мешавад ё не?

Ҷавоби саҳеҳ он аст, ки иншо Аллоҳ аз майит соқит намешавад ва бар ворисони ӯ лозим мешавад, ин ки аз ҷониби ӯ ҳаҷ намоянд, баробар аст, ин ки васият карда бошад ё не. Вай мисли қарз барин бар гарданш воҷиб аст. бинобар ҳадиси Абдуллоҳ ибни Аббос разияллоҳу анҳумо ривоят, аст, ки зане назр кард, ки ҳаҷ бикунад, вале мурд. Бародари ӯ ба назди Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам омада аз ин масъала пурсид. Фармуданд: “Оё бар хоҳарат қарзе вуҷуд дошта бошад, қарзашро адо менамоӣ? Гуфт: Оре. Фармуданд: Аллоҳ сазовортар аст ба вафо намудан, пас қазои Аллоҳро иҷро намоед”.

В) Касе ки худ ҳаҷ накарда оё метавонад аз ҷониби дигаре ҳаҷ намояд?

Ҷавоби саҳеҳ он аст, ки наметавонад аз ҷониби дигар кас ҳаҷ кунад, модоме, ки аз ҷониби худ ҳаҷ накардааст. Ва ҳуҷҷати он аз ҳадиси машҳур, ки

أن النبي ﷺ سمع رجلاً يقول: لبيك عن شبرمة، قال: من شبرمة؟ قال: أخ لي أو قريب لي، فقال عليه الصلاة والسلام: حججت عن نفسك؟ قال لا. قال: حج عن نفسك ثم حج عن شبرمة" رواه أحمد وأبو داود وابن ماجه والبيهقي وصححه.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мардеро шуниданд, ки мегуфт: Лаббайка, аз ҷониби Шибирма. Фармуданд: кист Шибирма? Гуфт: Бародарам ё хешам. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: Аввалан худ ҳаҷ кардаӣ? Гуфт: Не. Фармуданд: Аввал худ ҳаҷ кун баъд аз он аз ҷониби Шибирма.

Ва саҳеҳ он аст, ки дар ҷои шахси оҷизу нотавон метавонад ҳаҷ бикунад. Бинобар ҳадиси Фазл ибни Аббос разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки

أن امرأة من خثعم قالت: يا رسول الله إن فريضة الله على عباده في الحج أدركت أبي شيخاً كبيراً لا يثبت على الراحلة أفأحج عنه؟ قال: نعم" وذلك في حجة الوداع. متفق عليه واللفظ للبخاري.

“ Зане  аз Хасъама гуфт: Эй Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фаризае, ки Аллоҳ таъоло бар бандагонаш дар ҳаҷ фарз кардааст, падарам онро дарк кард, вале мӯйсафеди куҳансол аст ба сафар баромадан оҷизӣ мекашад, оё метавонам аз ҷониби ӯ ҳаҷ намоям? фармуданд: Оре.". Ва ин воқеъа дар ҳаҷҷатул вадоъ буд.

Г) Оё ҳаҷ фавран воҷиб мешавад ё ба таъхир андохтан?

Роҷеҳ аз қавли уламо, -иншо Аллоҳ- кадом вақте, ки шартҳои вуҷубияти он мукаммал шуданд фавран воҷиб мешавад. Бинобар фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿وَلِلَّهِ عَلَى النَّاسِ حِجُّ الْبَيْتِ مَنِ اسْتَطَاعَ إِلَيْهِ سَبِيلاً﴾[سورة آل عمران، الآية:٩٧]

*"Ва Аллоҳ ҳаҷҷи хонаи Каъбаро бар касоне аз мардум, ки тавоноии рафтан бо он ҷоро доранд, фарз гардонидааст."*

وَأَتِمُّوا الْحَجَّ وَالْعُمْرَةَ لِلَّهِ﴾ [سورة البقرة، الآية:١٩٦]

*"Ҳаҷ ва умраро барои Аллоҳ комил ба ҷой оред."*

Ва дар ҳадисе, ки Абдуллоҳ ибни Аббос разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд:

"تعجلوا إلى الحج، يعني الفريضة، فإن أحدكم لا يدري ما يعرض له" رواه أبو داود وأحمد والحاكم وصححه.

*"Ба адои фаризаи ҳаҷ бишитобед, ки яке аз шумо намедонад, ки дар оянда ба вай чӣ дучор мешавад".*

Аркони ҳаҷ:

Аркони ҳаҷ чаҳорта аст.

1. Иҳром
2. Истодан дар Арафа
3. Тавофи зиёрат
4. Саъй баёни Сафо ва Марва

Бидуни ин рукнҳо ҳаҷ ба итмом намерасад.

Рукни аввал: Иҳром

Таърифи он: бо иҳром ният кардан ва дохил шудан дар маносик аст.

Миқоти ҳаҷ

Миқотҳое, ки ҳоҷиён эҳром мебанданд ду навъ мебошад: яке замонӣ ва дигаре маконӣ.

Миқоти замонӣ вай моҳҳои ҳаҷе ки Аллоҳ таъоло дар он моҳҳо мефармояд:

﴿الْحَجُّ أَشْهُرٌ مَعْلُومَاتٌ﴾ [سورة البقرة، الآية:١٩٧]

*"Ҳаҷ дар моҳҳои муъайянест." Яъне, шаввол, зулқаъда, ва даҳаи аввали зулҳиҷҷа.*

Ва он моҳҳо шаввол, зул қаъда ва зулҳиҷҷа

Миқотӣ маконӣ: он ҳудудест, ки барои ҳоҷӣ иҷозат нест, ки аз он миқот бидуни иҳром бигзарад. Ҷойҳои миқот панҷтоанд:

1. (Зул ҳулайфа) ҳозир онро бо номи "Обори Алӣ" меноманд. Вай миқоти аҳли Мадина аст. Масофаи дурии он аз Макка 336 км аст.

2. (Ҷуҳафа) вай деҳаест, ки масофаи байни вай ва байни баҳри Аҳмар 10 км аст. ва дурии он аз Макка 180 км аст. вай миқоти аҳли Миср ва Шом ва Мағриб ва касоне, ки аз паси онҳо меистанд аз аҳли Андулис ва Рум ва Такрур. Ҳозир мардум аз Робиғ иҳром мебанданд, зеро ки он андак дар баробари Ҷуҳафа рост меояд.
3. (Яламлам) ҳозир вайро “Саъдия” меноманд. Ва он куҳест аз қатор кӯҳҳои Тиҳома. Дурии он аз Макка 72 км аст. Ва  вай миқоти аҳли Яман, Ҷова, Ҳинд ва Хитой аст.
4. (Қарнул манозил) ҳозир онро “Сайлул кабир” меноманд. Дурии он аз Макка 72 км аст ва он миқоти аҳли Наҷд ва Тоиф мебошад.
5. (Зоту ирқ) ва ҳозир он ҷойро “Зариба”меноманд. Ва он кӯҳи хурдтарак аст. дурии он аз Макка 72 км аст. Ва вай миқоти аҳли Машриқ, Ироқ ва Эрон мебошад.

Барои ҳоҷӣ ва умракунанда ҷоиз нест, ки бидуни иҳром аз ин миқоти муқарраршуда бигузаранд.

Ҳамчуноне ки дар ҳадиси Абдуллоҳ ибни Аббос разияллоҳу анҳумо ворид шудааст, ки гуфт:

“Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам “Зул ҳулайфаро” барои аҳли Мадина ва “Ҷуҳафа”ро барои аҳли Шом ва “Қарнул манозил”ро барои аҳли Наҷд ва

“Яламлам”ро барои аҳли Яман миқот қарор дод. Сипас фармуд: Ин маконҳо барои онон ва касоне, ки аз минтақаҳои дуртар барои адои ҳаҷ ва умра аз ин маконҳо мегузаранд, миқот ба ҳисоб меравaнд. ва касе, ки маҳалли сукунаташ наздиктар аз ин миқот ба Макка бошад, аз ҳар ҷое ки қасди ҳаракат ба Макка кунад, миқоти ӯ ба ҳисоб меояд. ҳатто барои аҳли Макка худи Макка миқот ба ҳисоб меравад”.

Дар саҳеҳи Муслим аз ҳадиси Ҷобир разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт:

ولمسلم من حديث جابر -ﷺ-: "مهل أهل العراق ذات عرق"

*“Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам миқоти аҳли Ироқро “Зоти Ирқ” қарор дод”.*

Касе, ки аз ин миқотҳо бигзарад ва донад, ки наздиктар ба ин миқотҳо шудааст, аз ҳамон ҷо иҳром бандад. Инчуни касе, ки ба тоира савор мешавад ва ҳарвақте, ки аз ҳаво ба ин миқотҳо наздик шуд,бояд иҳромашро бандад ва таъхир накунад, чуноне ки баъзе ҳоҷиён ба фурудгоҳи Ҷадда фаромаданд аз он ҷо иҳром мебанданд. Ҷадда миқот ба ҳисо намеравад, магар барои сокинони худаш. Касе аз он ҷо иҳром баст, воҷиберо тарк намуд ва он иҳром бастан аз миқот аст. Пас бар вай фидя додан зарур мешавад.

Инчунин касе ки аз миқотҷойҳо бидуни иҳром бигзарад, бар вай лозим мешавад, ки ба миқотҷой баргашта иҳром бандад ва илло бар вай фидя додан

воҷиб мешавад. Ва забҳ кардани гусфанд ё ҳафт кас ҳамшарикӣ карда шутур ё говро кушта ба мискинони Ҳарам тавзеъ дода ва чизе аз он намехӯрад.

Сифати иҳром

Мустаҳаб аст пеш аз иҳром бастан барои иҳром омода шудан: бо шустушӯй ва тозагӣ ва гирифтани он чи ки рухсат аст аз мӯй ва хушбӯӣ кардан ва мардон аз либосҳои духташуда дар бадан надошта бошанд ва изор ва ридои сафеди тоза бипӯшанд.

Саҳеҳтар он аст, барои иҳром бастан намози махсусе нест, лекин агар тасодуфан дар вақти намози фарз афтад, баъд аз намоз иҳром бандад. Зеро ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз пас намозҳо иҳром бастаанд. Баъд аз он ихтиёр дорад кадом аз нусуки ҳаҷи сегонаро интихоб намояд: Таматтуъ, қирон ва ифрод.

Таматтуъ як навъи ҳаҷеро меноманд, ки дар моҳҳои ҳаҷ ба нияти умра иҳром мебандад ва аз он ки фориғ шуд, баъд аз он ба нияти ҳаҷ дар вақти ҳаҷ (8-уми Зул ҳиҷҷа) иҳром мебандад.

“Қирон”, як намуди ҳаҷеро меноманд, ки ҳоҷӣ барои анҷоми ҳаҷ ва умра бо ҳамдигар дар моҳҳои ҳаҷ дар миқотгоҳ ният мекунад.

“Ифрод”, як намуди ҳаҷеро меноманд, ки танҳо аз миқотгоҳ ба нияти ҳаҷ иҳром мебандад ва бо иҳроми

худ боқӣ мемонад, то амалҳои ҳаҷро пурра адо намояд.

Мутаматтеъ ва қорин агар аз ҳозирини Масҷиди Ҳаром набошанд бар онҳо фидя лозим меояд.

Назди бузургони аҳли илм, афзалтарин намуди ҳаҷ, ҳаҷҷи таматтӯъ аст. баъд аз он ба кадом яке аз ин намудҳои ҳаҷ иҳром баст, мегӯяд:

"لبيك اللهم لبيك، لبيك لا شريك لك لبيك، إن الحمد والنعمة لك والملك لا شريك لك".

*"Илоҳо даъвататро иҷобат мекунам, ки Туро анбоз ва шарике нест ва фармонбардори Ту ҳастам. Ба дурустӣ ситоиш ва неъмат ва мулк аз они Туст ва Туро анбоз ва шарике нест".*

"Талбия"ро бисёр мегӯяд ва ба он овозашро баланд мекунад.

Маҳзуроти ҳаҷ: яъне ҳаром аст, барои ҳоҷӣ ҳангоми иҳром бастанаш корҳоеро анҷом додан. Ва он корҳо нуҳтоанд:

1. Аз баданаш мӯй кандан ё тарошидан. Бинобар фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿وَلا تَحْلِقُوا رُؤُوسَكُمْ حَتَّى يَبْلُغَ الْهَدْيُ مَحِلَّهُ﴾ [سورة البقرة، الآية:١٩٦]

*ва сар матарошед, (вақте ки дар роҳ боздошта шудаед,) то қурбонии шумо ба қурбонгоҳаш бирасад.*

2. Гирифтани нохунҳо
3. Пӯшидани сар. Зеро ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам манъ карданд пӯшондани сари ҳоҷиеро, ки зери пои савораash шуду мурд:

"ولا تخمروا رأسه فإنه يبعث يوم القيامة ملبياً" رواه البخاري ومسلم من حديث ابن عباس –رضي الله

*"Сарашро напӯшонед, ки ӯ рӯзи қиёмат "Лаббайка" гӯён мехезад".*

Абдуллоҳ ибни Умар разияллоҳу анҳумо мегуфт: "Мард дар ҳоли иҳром сарашро напӯшонад ва зан дар ҳоли иҳром рӯяшро напӯшонад".

4. Пӯшидани мард чизҳои дӯхташуда ва маҳсиро. Аз Абдуллоҳ ибни Умар разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам пурсида шуд: Ҳоҷӣ дар ҳоли иҳром либос метавонад бипӯшад? Фармуданд:

**«لا يَلْبَسُ الْقُمُصَ، وَلا الْعَمَائِمَ، وَلا السَّرَاوِيلاتِ، وَلا الْبَرَانِسَ، وَلا الْخِفَافَ إِلا أَحَدٌ لا يَجِدُ نَعْلَيْنِ، فَيَلْبَسُ خُفَّيْنِ وَلْيَقْطَعْهُمَا أَسْفَلَ مِنَ الْكَعْبَيْنِ، وَلا تَلْبَسُوا مِنَ الثِّيَابِ شَيْئًا مَسَّهُ الزَّعْفَرَانُ، وَلَا الوَرْسَ» رواه البخاري ومسلم**

*"Шахси муҳрим набояд курта, амома, шалвар, кулоҳ ва маҳсӣ бипӯшад, магар касе ки пойафзол надошта бошад метавонад маҳсӣ ба по кунад ва ду тарафи онҳоро ба поин бибарад, то ба пойафзол монанд шавад. Ҳамчунин набояд либосе, ки ба заъфарон ва варс (гиёҳи зардранг ва хушбӯй) омехтааст, бипӯшад".*

5. Ба ҳоҷӣ дар ҳоли иҳром дар бадан доштанаш хӯшбӯӣ задан бар вай ҳаром аст. Бинобар ҳадисе, ки Абдуллоҳ ибни Аббос разияллоҳу анҳумо ривоят кардааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар шаъни ҳоҷие, ки зери пои савораaш шуду мурд, фармуданд, ки: "Ба ӯ хӯшбӯӣ мазанед" Ривояти Муслим.
6. Шикори ҳайвоноти хушкӣ. Бинобар фармудаи Аллоҳ таъоло:

: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لا تَقْتُلُوا الصَّيْدَ وَأَنْتُمْ حُرُمٌ﴾ [سورة المائدة، الآية:٩٥]

*"Эй касоне, ки имон овардаед, ҳар гоҳ, ки дар иҳром бошед, хоҳ дар ҳаҷ ё умра ё дар ҳарам сайдро макушед."*

Ва агар чанде накушад ҳам шикори он ҳаром аст. бинобар фармудаи Аллоҳ таъоло:

: ﴿وَحُرِّمَ عَلَيْكُمْ صَيْدُ الْبَرِّ مَا دُمْتُمْ حُرُماً﴾ [سورة المائدة، الآية:٩٦].

*"Ва шикори саҳроӣ, то ҳангоме ки дар иҳром ҳастед, (дар ҳаҷ ё умра) бар шумо ҳаром аст."*

7. Ақди никоҳ. Ҳоҷӣ дар ҳоли иҳром доштанаш на зан мегирад на барои дигар касе валӣ шуда, ё кафолат дода зан медиҳад. Бинобар ҳадиси Усмон разияллоҳу анҳу ривоят кардааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд:

لا يَنكح المحرم ولا يُنكِحُ ولا يخطب" رواه مسلم.

“Шахси дар иҳром буда, дар вақти ҳаҷаш никоҳ намекунад ва никоҳ карда намешавад ва хутбаи никоҳ низ намекунад”.

8. Ҷимоъ кардан. Бинобар фармудаи Аллоҳ таъоло:

: ﴿فَمَنْ فَرَضَ فِيهِنَّ الْحَجَّ فَلا رَفَثَ﴾ [سورة البقرة، الآية:١٩٧].

*“Пас ҳар киро ҳаҷ воҷиб гардид, дар он моҳҳо, ин фаризаро адо кунад, пас бояд дар вақти ҳаҷ ҷимоъ[19] накунад”*

Абдуллоҳ ибни Аббос разияллоҳу анҳумо мегӯяд, ки “рафас” ин ҷо ба маънои ҷимоъ аст. Бинобар далели фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿أُحِلَّ لَكُمْ لَيْلَةَ الصِّيَامِ الرَّفَثُ إِلَى نِسَائِكُمْ﴾ [سورة البقرة، الآية:١٨٧].

*“. Аллоҳ дар шабҳои моҳи Рамазон бароятон ҳамбистарӣ бо ҳамсаронатонро мубоҳ гардонид.”*

9. Мубошират кардан дар ғайри фарҷ, бӯса гирифтан ё ламс кардан ва инчунин назар кардан ба шаҳват.

Зан ҳам ба мисли мард аст, вале дар баъзе ашё бо мард мухолиф мешавад. Иҳроми зан напӯшидани рӯяш аст. барояш ҳаром мешавад, агар рӯяшро бо ниқоб ё чизе дигар бипӯшонад. Ва низ ҳаром мешавад пӯшонидани дастонаш. Бинобар ҳадисе, ки аз Абдуллоҳ ибни Умар разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд:

---

[19] *Мурод аз ин ҳамбистарӣ кардан бо зан аст.*

"ولا تنتقب المرأة المحرمة ولا تلبس القفازين" رواه البخاري.

*"Зане, ки дар иҳром аст на ниқоб бизанад ва на дасткашро ба даст бияндозад".*

Абдуллоҳ ибни Умар разияллоҳу анҳу мегӯяд, ки "Иҳроми зан дар рӯяш аст". Ривояти Байҳақӣ.

Аз Оиша разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки гуфт:

"كان الركبان يمرون بنا ونحن مع رسول الله ﷺ محرمات، فإذا حاذوا بنا سدلت إحدانا جلبابها من رأسها على وجهها، فإذا جاوزنا كشفناه" رواه أبو داود وابن ماجه وأحمد وسنده حسن.

*"Савораҳое, ки аз пеши мо мегузаштанд ва ҳол он ки мо бо Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар иҳром будем. Вақте ки рӯ ба рӯ мешуданд, яке аз мо рӯймоли сарашро бар рӯяш мекашид, пас вақте ки гузашта рафтем рӯйро кушода нигоҳ медоштем."*

Бар зан ҳам ҳаром мешавад он чӣ барои мард ҳаром аст, мисли тарошидан ё кандани мӯй, гирифтани нохунҳо, шикор кардан ва дигар чизҳое ки дахолат ба умум дорад. Магар пӯшидани либоси дӯхта ва маҳсӣ ва пӯшонидани сар.

Рукни дуюм. Истодан дар Арафа.

Бинобар фармудаи Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:

"الحج عرفة" رواه أحمد وأصحاب السنن.

*“Ҳаҷ, ин Арафа аст”.*

Рукни сеюм. Тавофи ифоза.

Бинобар фармудаи Аллоҳ таъоло:

: ﴿وَلْيَطَّوَّفُوا بِالْبَيْتِ الْعَتِيقِ﴾ [سورة الحج، الآية:٢٩].

*“ва бар он хонаи кӯҳансол (Каъба) тавоф кунанд.”*

Рукни чаҳорум; Саъй.

Бинобар фармудаи Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:

"اسعوا فإن الله كتب عليكم السعي" رواه الإمام أحمد والبيهقي.

*“Саъй байни Сафо ва Марва кунед, чун Аллоҳ таъоло саъйро бар шумо воҷиб кардааст”.*

Воҷиботи ҳаҷ:

Воҷиботи ҳаҷ ҳафтоанд:

1. Иҳром аз миқотгоҳ
2. Истодан то фурӯ рафтани офтоб
3. Хоб кардан дар Муздалифа
4. Хоб кардан дар Мино ду шаб дар айёми ташриқ
5. Рамйи ҷамарот

6. Тарошидани мӯи сар ё кӯтоҳ кардан
7. Тавофи вадоъ.

Сифати ҳаҷ

Аз рӯи суннат он аст, ки касе иродаи ҳаҷ мекунад, аввал ғусл кунад, чуноне ки барои ҷанобат мекунад ва дар баданаш мисли риш ва сараш хӯшбӯӣ занад ва изор ва ридои сафедро бипӯшад, аммо зан чӣ гунае аз либос бипӯшад барои вай ҷоиз аст, ба шарте, ки барои зебоӣ ва ороиш набошад.

Баъд аз он ба миқотгоҳ меояд намози фаризаро мегузорад агар вақти намоз бошад. Пас аз намоз иҳром мебандад ва ду ракаат ба нияти суннати таҳорат на ба нияти суннати иҳром намоз мегузорад. Зеро ки аз Пёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам собит нашудааст, ки барои иҳром бастан намоз гузорида бошанд.

Ҳарвақте ки аз намоз фориғ шуд, ният ба дохил шудани ибодати ҳаҷ мекунад. Агар “мутаматтеъ” бошад, бигӯяд: (*Лаббайкаллоҳумма* умратан) ва агар ҳаҷҷи танҳо бикунад бигӯяд: (*Лаббайкаллоҳумма* ҳаҷҷан) ва агар ҳаҷҷу умраро бо ҳам ният кунад бигӯяд: (*Лаббайкаллоҳумма* ҳаҷҷан фӣ умратин) бо ин калимаҳо овозашро баланд карда такрор ба такрор мегӯяд. Аммо занҳо овозашнро паст карда мегӯянд.

Ҳар вақте ки ба Макка расид ибтидои амали ӯ аз тавоф сар мешавад. Ба сӯи Ҳаҷарул асвад рафта рӯ ба

рӯи он қарор мегирад ва Каъбаро аз тарафи чапи худ қарор диҳад ва Ҳаҷарул асвадро бибӯсад ва агар имкон надошт онро бо дасти худ биқапад ва низ агар имкон надошт ба сӯи он ишора мекунад ва "Аллоҳ акбар" гуфта, мегӯяд:

(اللهم إيماناً بك وتصديقاً بكتابك ووفاء بعهدك وإتباعاً لسنة نبيك ﷺ،

"Илоҳо ба ту имон овардам ва китобатро тасдиқ намудам ва ба аҳдат вафо намудам ва ба суннати паёмбарат пайравӣ намудам".

Ва ҳафт маротиба тавоф мекунад ва ҳар вақте ки ба рукни ямонӣ расид онро бидуни бӯса кардан меқабад.

Ва дар тавофи қудум[20] суннат аст, ки дар се даври аввали тавоф "рамл" кунад. Яъне тез-тез ба монанди давидан ҳаракат мекунад ва дар чаҳори даври дигар оддӣ роҳ равад. Бинобар ҳадиси Абдуллоҳ ибни Умар разияллоҳу анҳумо, ки гуфт:

لحديث ابن عمر المتفق عليه كان رسول الله ﷺ إذا طاف الطواف الأول خب ثلاثاً ومشى أربعاً.

*"Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам вақте ки ба тавофи аввал шурӯъ намуд дар се даври аввал тез-тез роҳрафт ва дар чаҳор даври дигар оддӣ роҳ рафт".*

[20] Ҳоҷие, ки ба Макка даромад ва ибтидо ба тавоф кард онро тавофи қудум меноманд.

Ва суннат аст, ки фақат дар тавоф “изтибоъ” кунад. Яъне, миёнаи ридои худро дар зери бағали росташ қарор дода, тарафи озоди ридоро бар шонаи чапаш биандозад. Бинобар ҳадиси Абдуллоҳ ибни Аббос разияллоҳу анҳумо, ки гуфт:

"اضطبع رسول الله ﷺ هو وأصحابه ورملوا ثلاثة أشواط".

*“Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам миёнаи ридои худро дар зери бағали росташ қарор дода, тарафи озоди ридоро бар шонаи чапаш андохт ва дар се даври аввал тез-тез ҳаракат намуд”.*

Рамл ва изтибоъ ба ҷуз дар ин тавоф, яъне тавофи қудум дар тавофҳои дигар лозимияте надорад. Ва ин амр танҳо барои мардон буда, занон ҳаргиз набояд онро анҷом диҳанд.

Ва дар тавофаш бо дуоҳои дӯстдошташудааш бо хушӯъ ва бо ҳузури қалб, байни рукни ямонӣ ва Ҳаҷарул асвад бигӯяд:

﴿رَبَّنَا آتِنَا فِي الدُّنْيَا حَسَنَةً وَفِي ٱلْآخِرَةِ حَسَنَةً وَقِنَا عَذَابَ النَّارِ﴾ [سورة البقرة، الآية:٢٠١].

*«Эй Парвардигори мо, моро дар дунё тандурустӣ, ризқ, илми нафъовар, зани солеҳа ва амали шоиста ва ғайра аз умури дину дунё ва дар охират ҷаннататро бидеҳ ва аз азоби дӯзахат моро нигоҳ дор».*

Нуктаи муҳим ин аст, ки барои ин тавоф ва тавофҳои дигар, саъй, зикр ва дуои махсусе вуҷуд надорад ва

зикрҳои махсусе барои ҳар давритавоф ҳеҷ асл ва асосе надоранд, балки бидъат мебошанд.

Тавоф се навъ аст: Ифоза , қудум ва вадоъ.

Бар қавли роҷеҳ ин аст, ки тавофи ифоза рукн аст ва тавофи қудум суннат аст ва тавофи вадоъ воҷиб аст.

Ҳангоме, ки шахс аз тавоф фориғ шуд, дар пушти мақоми Иброҳим ду ракаат намоз мехонад, агар чанде баъдтар бошад ҳам. Ва суннат аст, ки дар ракаати аввал сураи кофирон ва дар ракаати дуюм сураи ихлосро бихонад.

Сипас ба Сафо баромада ин оятро мехонад:

إِنَّ الصَّفَا وَالْمَرْوَةَ مِنْ شَعَائِرِ اللَّهِ فَمَنْ حَجَّ الْبَيْتَ أَوِ اعْتَمَرَ فَلا جُنَاحَ عَلَيْهِ أَنْ يَطَّوَّفَ بِهِمَا وَمَنْ تَطَوَّعَ خَيْراً فَإِنَّ اللَّهَ شَاكِرٌ عَلِيمٌ﴾ [سورة البقرة، الآية:١٥٨].

*“Сафо ва Марва[21] аз шиорҳои дини Аллоҳ ҳастанд. Пас касе, ки қасди хонаи Аллоҳ карда, ҳаҷи хонаро ба ҷой меоварад ё умра мегузорад, пас, бар вай гуноҳе нест, ки дар миёни  ин ҳар ду тавоф кунад, балки тавоф кардан бар вай воҷиб аст. Ҳар кӣ ба рағбати худ амали неке анҷом диҳад, бидонад, ки Аллоҳ шукргузори доност!”*

Ибтидо ба он чи мекунам, ки Аллоҳ ба сар кардааст. Ва мустаҳаб аст, ки дар ин ҳолат рӯ ба қибла истода дастҳои худро бардошта тавҳиду такбир ва таҳмид гуфта мегӯяд:

---

[21] *Ду кӯҳи хурде ки аз тарафи шарқ, назди Каъба воқеанд.*

(الله أكبر، الله أكبر، الله أكبر، لا إله إلا الله وحده لا شريك له، له الملك وله الحمد يحي ويميت وهو على كل شيء قدير، لا إله إلا الله وحده أنجز وعده ونصر عبده وهزم الأحزاب وحده) ثم يدعو بما شاء من خيري الدنيا والآخرة، ويكرر هذا الدعاء ثلاث مرات.

*"Аллоҳ бузург аст. Аллоҳ бузург аст. Аллоҳ бузург аст. нест маъбуди барҳақ ба ҷуз Аллоҳ таъоло танҳо Ӯст барои Ӯ шарике нест. Ӯст сазовори мулк ва ситоиш.зинда мегардонад ва мемиронад ва Ӯ бар ҳама чиз қодир аст. нест маъбуди бар ҳақ ба ҷуз Ӯ танҳо Ӯст. Ваъдаашро иҷро намуд ва бандаашро нусрат дод ва танҳо Ӯ худаш гурӯҳҳро шикаст дод".*

Ин дуоро себор такрор мекунад. Ва он гоҳ аз хайри дунё ва охират, ҳарчи дилаш хост дуо мекунад. Пас аз ин поён омада ба сӯи Марва ба роҳ медарояд, то ин ки дар роҳ ба ишораи аввал мерасад (*ин ишора аломати сабзест, ки ба чарогҳои маҳтобии сабзранг дар девор ва болои макони саъй муайян гардидааст*) ва роҳ рафтани худро дар ин мавзеъ тезтар мекунад ва ба он суръат медиҳад, то ин ки ба ишораи дуюм расад. Ба шарте, ки имкон дошта бошад ва касеро азият надиҳад. Он гоҳ ба роҳравии оддии худ идома дода, ба баландии Марва мебарояд ва рӯ ба сӯи қибла истода дастҳояшро бардошта он амалҳоеро, ки дар Сафо анҷом дода буд, дар Марва низ анҷом медиҳад.

Ва агар дар саъй ин дуоро бихонад, ҳеҷ боке надорад, зеро ки ин амал аз Абдуллоҳ ибни Умар ва

Абдуллоҳ ибни Масъуд разияллоҳу анҳумо собит шудааст:

(رب اغفر وارحم إنك أنت الأعز الأكرم)

*“Парвардигоро мағфират кун ва раҳм кун, ки Ту азизтарин ва гиромитарин ҳастӣ”.*

Мустаҳаб аст ин ки бо таҳорат бошад. Ва дар сурате, ки бетаҳорат низ саъй кунад мушкилие надорад. Ва агар зани ҳоиза низ саъй кунад, саъяш ба ҷо меояд. Зеро ки таҳорат дар саъй шарт нест.

Вақте ки саъйи худро комил намуда тамом кард, мӯи сари худро кӯтоҳ мекунад, агар мутаматтеъ бошад. Ва зан бошад ба андозаи як банди ангушт (*ва он сари ангушт аст*) кӯтоҳ кунад. Ва агар ҳоҷӣ ният карда бошад, ки ҳаҷро бо умра як ҷо анҷом медиҳад ё ки танҳо ҳаҷро анҷом медиҳад бар иҳроми худ, то рӯзи қурбонӣ баъди рамйи Ҷамратул ақаба боқӣ монда пас сарашро метарошад.

Рӯзи ҳаштуми Зул ҳиҷҷа, ки онро рӯзи “Тарвия” меноманд, шахси мутаматтеъ ба нияти ҳаҷ пеш аз заволи офтоб аз ҷойгоҳи худ иҳром мебандад. Инчунин касе, ки аз аҳли Макка, иродаи ҳаҷ дорад, аз ҳамон ҷо иҳром мебандад. Ва мустаҳаб аст, ки ҳоҷӣ ғусл намуда худро покиза карда, хушбӯӣ кунад. Аз рӯи суннат нест, ин ки барои иҳром бастан ба Масҷиди ҳаром равад. Зеро ки ин феъл аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ворид нашудааст ва инчунин

саҳобагонро амр накардаанд. Дар “Саҳеҳайн” аз Ҷобир разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои асҳобашон фармуданд:

"أقيموا حلالاً حتى إذا كان يوم التروية فأهلوا بالحج..."

“Аз иҳром худро хориҷ кунед, то вақте, ки рӯзи тарвия (8 уми Зул ҳиҷҷа) омад, пас ба нияти ҳаҷ иҳром баста бо талбия гуфтан овози худро баланд кунед...”.

Аз Ҷобир разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба мо дастур доданд, ки вақте ки таваҷҷуҳ ба сӯи Мино кардем аз водии Батҳо овози худро бо талбия гуфтан баланд кардем.

Мутаматтеъ дар вақти овозашро бо талбия баланд кардан (Лаббайка ҳаҷҷан).

Барои ҳаҷкунанда мустаҳаб аст ин ки аз Макка ба Мино баромад намози пешину асрро ва шому хуфтанро қаср мехонад бидуни ҷамъ. Ва мустаҳаб аст дар он ҷо бегоҳи Арафа хоб кунад. Бинобар ҳадисе ки аз Ҷобир разияллоҳу анҳу ривоят шудааст дар “Саҳеҳ”и Муслим.

Вақте ки офтоби рӯзи Арафа (нуҳуми Зулҳиҷҷа) баромад ба Арафа равон шавад. Ва мустаҳаб аст барояш, то ҳангоми заволи офтоб дар Намира иқомат кунад, ки ин кор дар сурати имкон ба сабаби феъли

Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фазилат дорад. Ва агар муяссар нашавад ҳеҷ боке нест бар вай, пас дар Арафот иқомат кунад. Баъд аз заволи офтоб пешину асрро ба сурати қаср ва ҷамъ ду ракаат ду ракаат бо як азон ва ду иқома, мехонад. Пас аз он дар Арафот меистад. Афзалтар он аст, ки дар Арафот дар сурати имкон ба сӯи қибла ва кӯҳи Раҳмат (Ҷабалур раҳма) истад. Ва агар имконият набошад, фақат рӯ сӯи қибла меистад.

Мустаҳаб аст, ки дар зикру дуову зорӣ ва таваллло ба сӯи Аллоҳ кӯшиш намояд ва дар ҳолати дуо дастҳояшро боло бардорад ва агар миқдореро аз оятҳои Қуръон бихонад бисёр хуб аст. бинобар ҳадиси Усома разияллоҳу анҳу, ки гуфт:

كنت رديف النبي ﷺ بعرفات فرفع يديه يدعو فمالت به ناقته فسقط خطامها فتناول خطامها بإحدى يديه وهو رافع يده الأخرى" رواه النسائي. وفي صحيح مسلم: "ولم يزل واقفاً يدعو حتى غابت الشمس وذهبت الصفرة".

*"Дар Арафот бар шутуре бо Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам савор будам, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дастҳояшро бардошта дуо кард, ки шутураш майл ба дигар сӯ кард ва лиҷоми он аз дасташ афтод ва бо як дасташ лиҷомро бигирфт ва дасти дигараш боло меистод" Ривояти Насоӣ ва дар "Саҳеҳи Муслим" омадааст, ки "Ҳамеша истода дуо мекард, ҳатто офтоб фурӯ рафт ва зардии он аз байн рафт".*

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд:

قال النبي ﷺ: "خير الدعاء دعاء يوم عرفة، وخير ما قلت أنا والنبيون من قبلي: (لا إله إلا الله وحده لا شريك له، له الملك وله الحمد، وهو على كل شيء قدير)" رواه مسلم.

*Беҳтарин дуоҳо, дуои рӯзи Арафа аст ва беҳтарин сухане ман ва паёмбароне пеш аз ман гуфтаанд: “Нест маъбуди бар ҳақ ба ҷуз Аллоҳ таъоло, Ӯ яктоаст ва шарике надорад ва подшоҳӣ ва ситоиш аз они Ӯст ва Ӯ бар ҳама чиз қодир аст”.*

Ва бояд ки ҳангоми гуфтани ин зикр ва такрори он дили инсон ба ваҷд омада, хушӯъ варзад ва дилашро барои Аллоҳ шикаста нигоҳ дошта ва вақтро ғанимат дониста фурсати бузургро аз даст надиҳад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд:

"ما من يوم أكثر من أن يعتق الله فيه عبداً من النار من يوم عرفة، وإنه ليدنو ثم يباهي بهم الملائكة، فيقول: ما أراد هؤلاء" رواه مسلم.

*“Дар рӯзе ки аз ҳама беш Аллоҳ таъоло бандаеро аз оташи дузах озод мекунад, ин рӯзи Арафа аст. Дар он рӯз Аллоҳ наздик мешавад баъд аз он фахр мекунад бо бандагонаш дар назди малоикаҳо. Пас мегӯяд: Инҳо чи хоҳиш доранд”*

Истодан дар Арафот рукни ҳаҷ аст ва то ғуруби офтоб истодан воҷиб аст. бар ҳоҷӣ зарур аст бояд аз ҳудуди Арафа берун наравад. Бисёр аз ҳоҷиёне ҳастанд, ки аз бепарвоӣ дар хориҷи Арафот меистанд. Ҳаҷҷи онҳо ҳаҷ намешавад.

Пас аз фурӯ рафтани офтоб ин мавқеъро бо оромӣ ва виқор тарк карда, ба сӯи Муздалифа талбиягӯён равон мешаванд. Бинобар фармудаи Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:

"أيها الناس السكينة السكينة" رواه مسلم.

*"Эй мардум оромиро ба худ лозим бигиред".*

Вақте ки ба Муздалифа расиданд дар он ҷо намози шомро се ракаат ва намози хуфтанро ду ракаат, бо як азону ду иқома ҷамиъи таъхир карда мехонанд. Барои ҳоҷӣ суннат аст, ки дар ин ду намоз иқтидо ба Расули Аллоҳ кунад, магар ин ки хавф барад, ки вақти намози хуфтан мегузарад, дар куҷое ки бошад ҳар ду намозро бихонад.

Дар Муздалифа хоб мекунад ва шабашро бо намоз эҳё намекунад, зеро ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам чунин феълро накардаанд. Дар ин боб ҳадисеро имом Муслим аз Ҷобир разияллоҳу анҳу ривоя кардааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алйҳи ва саллам ҳангоми расидан ба Муздалифа намози шому хуфтанро бо як азон ва ду иқома хонданд ва дар байни ду намоз чизе аз тасбеҳ нагуфта ба як паҳлӯ дароз кашида то тулуи фаҷр хобиданд.

Барои беқувватон, монанди занон. Хурдсолон ва пирон ба онҳо иҷозат дода шудааст, ки охири шаб аз Муздалифа барои рамйи Ҷамраи ақаба (ба Мино) равона шаванд. Аммо касе заифу нотавон нест, то

тулӯи фаҷр дар Муздалифа боқӣ мемонад. Имрӯз бисёре аз мардум дар сангпартоӣ зидди нишондоди Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам баромада, аз аввали шаб мусобиқа мекунанд, то худро дар машаққат гузоранд.

Ва ҳар вақте ки ҳоҷӣ намози бомдодро дар Муздалифа гузорид, он гоҳ дар назди Машъарул ҳаром ва рӯ ба рӯи қибла истода, баҳри зикри Аллоҳ ва такбир ва дуои ҳиммат варзад. Бардоштани дастон дар ҳангоми дуо дар ин ҷо мустаҳаб мебошад. Ва ин кор о наздикии тулуъи офтоб идома хаҳад ёфт. Ва дар ҳар ҷои Муздалифа, ки биистад, дуруст аст. бинобар гуфтаи Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам

"وقفت ها هنا وجمع كلها موقف" رواه مسلم.

*"Дар ин ҷо истодам, ҳама ин макон (яъне Муздалифа) ҷойи истодан аст".*

Баъд аз он, пеш аз тулӯъи офтоби рӯзи қурбонӣ, ҳоҷиён талбия гӯён ба сӯи Мино ҳаракат мекунанд ва наздикии Ҷамраи ақаба талбияро бас мекунанд ва шурӯъ ба партофтани ҳафт санг ба Ҷамраи ақаба мекунанд. Андозаи сангҳо низ ба миқдори аз як донаи нахӯд каме бузургтар аст. ҷамиъи уламо бар ин қароранд, ки аз ҳама ҷо сангпартоӣ кунад дуруст аст. Афзалтар дар он аст, ки дар ҳоле ки Каъба дар тарафи чап ва Мино дар тарафи рости шахс қарор дорад,

партояд. Бинобар ҳадиси Абдуллоҳ ибни Масъуд разияллоҳу анҳу:

"أنه انتهى إلى الجمرة الكبرى فجعل البيت عن يساره ومنى عن يمينه ورمى بسبع، وقال: هكذا رمى الذي أنزل عليه سورة البقرة" متفق عليه.

*“Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳангоме ки ба Ҷамраи кубро расид Каъба дар тарафи чап ва Мино дар тарафи рости ӯ қарор гирифт ва ҳафт санг партофт. Ва гуфт инчунин аст санг партофтание, ки бар он сураи Бақара нозил шудааст”.*

Аммо санг партофтан ба санги калон ё пойафзол ё маҳсӣ дуруст нест.

Аз рӯи суннат, тартиб он аст, ки ҳоҷӣ аввал санг партофта сипас қурбонӣ карда агар мутаматтеъ ё қорин бошад, баъд аз он мӯи сар метарошад ё кӯтоҳ мекунад. Барои мардон тарошидан беҳтар аст. Зеро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои касоне ки мӯи сарашонро пурра метарошанд себор дуои раҳмат ва мағфират намуда ва барои касоне, ки мӯи худро кӯтоҳ мекунанд, фақат якбор дуо намудаанд. Чуноне ки дар “Саҳеҳ”и Бухорӣ ва Муслим ривоят шудааст. Баъд аз он ҳоҷӣ барои тавофи Ифоза ба сӯи Макка равон гардад.

Ин аст аз рӯи суннат, ки далолат мекунад бар ин ҳадиси Ҷобир ибни Абдуллоҳ разияллоҳу анҳу, ки имом Муслим инро ривоят кардааст.

"أن النبي ﷺ أتى الجمرة التي عند الشجرة فرماها بسبع حصيات يكبر مع كل حصاة منها، مثل حصى الحذف، رمى من بطن الوادي ثم انصرف إلى المنحر فنحر ثم ركب رسول الله ﷺ فأفاض إلى البيت فصلى بمكة الظهر".

*“Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба Ҷамрае, ки назди дарахт буд, омада ҳафт санг партофтанд ва дар ҳар бор партофтан такбир мегуфтанд. Ва сангҳо ба андозаи донаи нахӯд буданд. Аз батни водӣ санг партофта баъд аз он ба қурбонгоҳ баргашта қурбонӣ карда сипас ба саворои худ савор шуда ба Каъба равон шуданд ва дар Макка намози пешинро гузориданд”.*

Ва агар касе баъзе ин корҳои чаҳоргонаро бетартиб (пешу ақиб) анҷом дод, боз ҳам аъмолаш дуруст аст. Дар ин бора ҳадиси Абдуллоҳ ибни Амр разияллоҳу анҳу дар “Саҳеҳайн” омадааст. Ҳангоме ки Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар Ҳаҷҷатул вадоъ истода буданд ва  мардум дар мавриди тақдим ва таъхири ин корҳо аз он ҳазрат мепурсиданд: Он ҳазрат ҷавоб медоданд: *“Анҷом бидеҳ ва ҳеҷ мушкилие надорад”.*

Пас вақте ки ҳоҷӣ мутамматеъ буд, баъди тавофаш саъй мекунад, аммо саъйи аввалаш ба ҳисоб намеравад, зеро ки вай барои умра буд. Агар ҳоҷӣ, муфрид ё қорин буд, агар баъди тавофи қудум саъй карда бошад, бори дигар ба ӯ саъй кардан лозим нест. Бинобар қавли Ҷобир разияллоҳу анҳу:

"لم يطف النبي ﷺ ولا أصحابه بين الصفا والمروة إلا طوافاً واحداً طوافه الأول" رواه مسلم.

*"На Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва на асҳобашон байни Сафо ва Марва тавоф накарданд ба ҷуз тавофи аввалашон."*

Айёми ташриқ се рӯз аст. (рӯзи 11ум, 12ум, 13уми Зул ҳиҷҷа). Ва он рӯзҳо айёми сангпартоӣ ҳастанд барои касоне, ки дар Мино се рӯз боқӣ мемонанд ва аммо барои касоне, ки мешитобанд ду рӯз сангпартоӣ мекунанд (11ум ва 12ум). Чуноне ки дар ин бора Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَاذْكُرُوا اللَّهَ فِي أَيَّامٍ مَعْدُودَاتٍ فَمَنْ تَعَجَّلَ فِي يَوْمَيْنِ فَلا إِثْمَ عَلَيْهِ وَمَنْ تَأَخَّرَ فَلا إِثْمَ عَلَيْهِ لِمَنِ اتَّقَى﴾ [سورة البقرة، الآية:٢٠٣].

*." Аллоҳро дар рӯзҳои бошумор яъне, айёми ташриқ: рӯзҳои ёздаҳум ва дувоздаҳум ва сенздаҳуми даҳаи моҳи зулҳиҷҷа ёд кунед. Ва ҳар кӣ дар ду рӯз шитоб кунад ва аз Мино қабл аз ғуруби офтоби рӯзи дувоздаҳум, баъд аз рамйи ҷимор[22] гуноҳе бар вай нест; ва ҳар кӣ таъхир кунад, шаб бимонад дар Мино ва рӯзи сенздаҳум рамйи ҷимор кунад, пас гуноҳе нест мар касеро, ки дар ҳаҷи худ тақворо пешаи худ гирифт. Лекин таъхир кардан афзалтар аст."*

Ва дар ҳар рӯз сангпартоии ҷамраҳои сегонаро баъд аз заволи офтоб, ба тартиб мепартоянд.

Якум, аз Ҷамратул уло шурӯъ мекунанд, ки ба тарафи масҷиди Хиф қарор дорад ва онро бо ҳафт санг

---

[22] *Бо санг задани шайтон дар ҷои махсус, дар Мино*

сангпартоӣ мекунанд. Сипас ба Ҷамратул вусто ҳафт санг ва баъд аз он ба Ҷамраи ақаба ҳафт санг мепартоянд. Ва дар ҳар боре ки санг мепартояд, такбир мегӯяд. Инчунин  суннат аст, ки каме аз канори ҷамарот ақиб равад ва онро дар тарафи чапи худ қарор дода ба сӯи қибла биистад. Он гоҳ ду дасташро барои дуо боло бурда, дар дуову тазаррӯъ кӯшиш кунад. Ва инчунин баъди ҷамари дуввум ҳам низ истода чунин амалҳоро такрор менамояд. Аммо дар Ҷамараи ақаба намеистад.

Вақти сангпартоӣ баъди заволи офтоб сар мешавад. Дар ин бора ҳадиси Абдуллоҳ ибин Умар разияллоҳу анҳумо ривоят шудааст:

"كنا نتحيّن فإذا زالت الشمس رمينا" رواه البخاري.

*"Мо интизори вақт мекашидем ва ҳар вақте ки офтоб завол ёфт, сангпартоӣ кардем."*

Иҷмои қавли уламо бар он аст, ки охири вақти сангпартоӣ дар айёми ташриқ, он фурӯ рафтани офтоби рӯзи 13 уми Зул ҳиҷҷа аст. Аммо касе ки то фурӯ рафтани офтоби  он рӯз санг напартофт, баъд аз он санг напартояд, балки бар вай хун лозим мешавад

Ҳоҷӣ дар ин ду рӯз аз рӯзҳои ташриқ 11 ум ва 12ум дар Мино хоб мекунад. Ва агар дар рӯзи 12ум то фурӯ рафтани офтоб Миноро тарк нанамояд бар вай зарур аст, ки дар Мино боқӣ монда дар рӯзи 13ум сангпартоии ҷамарот кунад.

Ҳар вақте ки ҳоҷӣ аз Макка иродаи берун шудан кард, то тавофи вадоъ нанамояд, берун наравад. Зеро ин амал назди ҷумҳури уламо аз воҷиботи ҳаҷ аст, магар ин ки аз зани ҳоиза соқит мешавад. Дар ин бора далолат мекунад ҳадиси Абдуллоҳ ибни Аббос разияллоҳу анҳумо, ки гуфт: Расули  Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд:

"لا ينفرن أحدٌ حتى يكون آخر عهده بالبيت" وفي رواية: "إلا أنه خفف عن المرأة الحائض" رواه مالك وأصله في صحيح مسلم.

*“Ба мардум амр шуд, то дар Макка охирин аҳдашон бо хонаи Аллоҳ тавоф бошад” ва дар ривояти дигар омадааст “магар зани ҳоиза, ки ин тавоф аз ӯ сабук карда шуд”.*

Аксари уламо бар он қароранд, касе, ки тавофи Ифозаро то вақти сафараш таъхир кунад аз тавофи вадоъ кифоя мекунад.

Мустаҳаб аст барои касоне, ки аз ҳаҷ бармегарданд, он чиро ки Бухорӣ аз Абдуллоҳ ибни Умар разияллоҳу анҳу ривоят кардааст, бигӯянд:

أن النبي ﷺ كان إذا قفل من غزو أو حج أو عمرة يكبر على شرف من الأرض ثم يقول: "لا إله إلا الله وحده لا شريك له، له الملك، وله الحمد، وهو على كل شيء قدير، آيبون تائبون عابدون لربنا حامدون، صدق الله وعده، ونصر عبده، وهزم الأحزاب وحده".

*“Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳар вақте ки аз газва ё ҳаҷ ё умра бармегаштанд ва такбир мегуфтанд,*

*баъд аз он ин ро мехонданд: "Нест маъбуди бар ҳақ ба ҷуз Аллоҳ Ӯ якто аст ва ӯро шарике нест мулк аз они Ӯст ва Ӯ сазовори ситоиш аст. Ва бар ҳар чиз қодир аст. Ба сӯи Аллоҳ баргарданда, тавбакунанда, ибодаткунанда ва барои Ӯ шукргузорем. Аллоҳ ваъдаашро тасдиқ намуда ва бандаашро нусрат дод ва Ӯ танҳо гурӯҳҳои мухолифинро шикаст дод" .*